Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон

NED

Фонди миллии дастгирии демократия

# ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ҲАНГОМИ АМАЛИГАРДОНИИ РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## Ҳисобот оид ба натиҷаҳои мониторинг

Душанбе 2016 с.

**Ташкилоти ҷамъиятии**

**«Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»**

# ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ҲАНГОМИ АМАЛИГАРДОНИИ РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Ҳисобот оид ба натиҷаҳои мониторинг**

**Душанбе 2016 с.**

ББК 67.99(2 тадж) +67.99(2)3
УДК Д-70 34с+34с4

***Таҳиягарони гузориш::*** ***Абдуразоқ Алимардонов***
***Шоира Давлатова***
***Муҳаррир:*** ***Муҳайё Нозимова***

*Мониторинг оид ба «Дастрасӣ ба иттилоот ҳангоми амалигардонии расмиёти маъмурӣ дар Тоҷикистон» – Душанбе, 2016, 88 с.*

*Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон” ба аъзои гуруҳи мониторинг: Хатюхина Татьяна, Одинаев Мамаддод, Шарипов Абдумумин ва Уроқов Зафар барои иштирок дар таҳқиқоти мазкур миннатдории худро изҳор менамояд.*

*Таҳқиқот дар натиҷаи мониторинги “Истифодаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳангоми амалӣ намудани расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз моҳи сентябр то декабри соли 2015 гузаронидашуда таҳия гардидааст.*

*Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон”, бо дастгирии молиявии Фонди Миллии Демократия (NED) доир карда шудааст.*

*Таҳқиқот барои намояндагони ихтисоси ҳуқуқ (суд, прокуратура, адвокат ва ғ.) намояндагони мақомоте, ки тартиби таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ҳамкории мақомоти маъмуриро муайян менамояд; иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар самти дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқи инсон кор мекунанд; намояндагони илмӣ ва дигар шахсони манфиатдоре, ки барояшон вазъи риояи ҳуқуқи инсон ба дастрасии иттилоот ҳангоми расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва ҷолиб аст, пешбинӣ гардидааст.*

*Фикру мулоҳизаҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур баён гардидаанд, нуқтаи назари Фонди Миллии Демократияро инъикос намекунанд.*

**МУНДАРИҶА**


| | | |
|---|---|---|
| | ***Руйхати ихтисорот*** | ***4*** |
| | ***Муқаддима*** | ***5*** |
| | ***Қисми якум:*** | |
| ***I.*** | ***Шарҳи мухтасари мониторинг*** | ***7*** |
| ***II.*** | ***Шарҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дастрасӣ ба иттилоот оид ба расмиёти маъмурӣ*** | ***10*** |
| ***III.*** | ***Намунаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ*** | ***14*** |
| | ***Қисми дуюм:*** | |
| ***IV.*** | ***Натиҷаҳои мониторинг: дастрасӣ ба иттилоот дар амалия*** | ***21*** |
| | *1. Пурсиш* | ***21*** |
| | *1.1. Натиҷаҳои мусоҳиба бо адвокатҳо* | |
| | *1.2. Натиҷаҳои мусоҳиба бо намояндаготи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (машваратчиҳо оид ба масоили ҳуқуқӣ)* | ***24*** |
| | *1.3. Натиҷаҳои мусоҳиба бо соҳибкорони инфиродӣ ва кормандони муассисаҳои савдо* | ***27*** |
| | *1.4. Натиҷаҳои мусоҳиба бо шаҳрвандон* | ***29*** |
| | *1.5. Натиҷаҳои мусоҳиба бо намояндагони мақомоти маъмурӣ* | ***31*** |
| | *2. Дархостҳо* | ***33*** |
| ***V.*** | ***Хулосаҳо оид ба натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда*** | ***45*** |
| | ***Тавсияҳо*** | ***47*** |
| | ***Замимаҳо*** | ***51*** |

***РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ***

| | |
|---|---|
| ***БДА*** | Бозрасии давлати автомобилӣ |
| ***ВАО*** | Васоити ахбори омма |
| ***вил.*** | вилоят |
| ***ВМКБ*** | Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон |
| ***ИҶ*** | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| ***КМГ*** | Кодекси мурофиаи граждании |
| ***КДФБММ*** | Корхонаи давлатии фаръии бақайдгирии молу мулк |
| ***КМҶ*** | Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ |
| ***қ.*** | қисм |
| ***м.*** | модда |
| ***ПБҲШС*** | Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |
| ***ШВКД*** | Шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ |
| ***ҳ.*** | ҳолат |
| ***ҶТ*** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

***МУҚАДДИМА***

Ҳуқуқ ба иттилоот яке аз ҳуқуқҳои сиёсӣ ва фардии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи мазкурро санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқӣ, ки тибқи банди 3 моддаи 10 Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ шуморида мешаванд, кафолат медиҳад. Дар навбати аввал, ин моддаи 19 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мебошад, ки он уҳдадориҳо ва масъулияти махсусро ҳангоми истифодаи ҳуқуқ ба иттилоот ва маҳдудиятҳои истифодаи ҳуқуқи мазкурро муқаррар менамояд.

Дар Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1996 қабул шудааст, дар моддаи 25 муқаррар гардидааст:: **«Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истисноི ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст».**

Гарчанде дар меъёри конститутсионии мазкур бевосита ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот муқаррар нагардида бошад ҳам, вале он аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд. Вазифаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор аз он иборат аст, ки барои ҳар шахс имконияти дастрас кардан ва шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ки ин ҳуқуқи шахс (ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ)-ро ба иттилоот ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба манбаииттилоот ҷузъи ҳуқуқ ба иттилоот мебошад.

Татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоот, таъмини дастрасии озод ба иттилооти дорои аҳамияти инфиродӣ ва/ё ҷамъиятӣ, шаффофияти иттилоотии мақомоти ҳокимият, шарт ва меъёрҳои муҳимтарини давлати ҳуқуқӣ мебошанд. Маҳз татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоот иштироки воқеӣ, на ин ки танҳо иштироки расмии шаҳрвандон дар ҳаёти давлатиро таъмин менамояд. Вуҷуд надоштани дастрасии озоди шаҳрвандон ба иттилоот, пӯшида будани он, шаффоф набудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ, метавонанд тамоми маҷмӯи ниҳодҳои демократии ташаккулёфтаистодаро ба афсона табдил дода, “ҳомили истиқлолият ва манбаи ягонаи ҳокимият”-ро ба

“интихобкунандаи лухтакмонанд” бадал созанд. Зикр намудан зарур аст, ки тӯли солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон либерализатсияи ҳуқуқ ва сиёсат, аз  ҷумла дар соҳаи дастрасӣ ба иттилоот айён аст, ки он аз тамоюл ба сӯи таъмини шаффофияти фаъолияти ниҳодҳои ҳокимият шаҳодат медиҳад.

Ҳуҷҷати аз ҳама муҳимтарин аз ҷумлаи ин санадҳои меъёрӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дасрасӣ ба иттилоот” аз 18 июни соли 2008 мебошад, ки дар моддаи 1 он муайян гардидааст: “**мақсади Қонуни мазкур фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он, ҳамчунин таъмини ошкорои иттилоотии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад”.**

Аз ин мақсад иродаи сиёсии давлат нисбати ду унсури демократии давлати ҳуқуқӣ ба таври возеҳ дида мешавад:

а) ҳуқуқи шаҳрванд ба гирифтани иттилоот ва дастрасӣ ба он;

б) уҳдадории давлат нисбати пешниҳод намудани иттилоот ва таъмини дастрасӣ ба он.

Бо дарназардошти ин ду унсури ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, муносибати байни давлат ва шаҳрванд, ки дар фаҳмиши муосир мафҳуми “расмиёти маъмуриро” дорад ва ҳуқуқ ба иттилоот ва дастрасӣ ба онро дар шакли маъмурию расмиётии хоса ташаккул медиҳад, муайянкунанда мебошад.

Дар айни замон дар Тоҷикистон ниҳоди дастрасӣ ба иттилоот дар соҳаи расмиёти маъмурӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад ва ҳалли пурраи худро чи аз нуқтаи назари танзими қонунгузорӣ ва чи аз нигоҳи амалияи татбиқи ҳуқуқ пайдо накардааст.

Айни ҳол масъалаи дастрасӣ ба иттилоот дар соҳаи расмиёти маъмурӣ ва дар маҷмуъ худи соҳаи ҳуқуқи расмиёти маъмурӣ, соҳаҳои инноватсионии муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мебошанд ва қариб таҳқиқ нашудаанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустини таҳқиқ ва таҳлил намудани заминаи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба такмили ин соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад.

***ШАРҲИ МУХТАСАРИ МОНИТОРИНГ***

Дар доираи лоиҳаи "Дастрасӣ ба иттилоот оид ба амали намудани расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки аз моҳи сентябр то декабри соли 2015 гузаронида шудааст, аз ҷониби таҳқиқгарон ва аъзои гуруҳи мониторингӣ, таҳқиқот ҷиҳати риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҳангоми амали намудани расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронида шудааст. Ба мониторинг нафароне ҷалб карда шудаанд, ки дар ин самт таҷрибаи кофӣ доранд. Оид ба масъалаҳои баргузории мониторинг, истифодаи усул ва гузаронидани таҳқиқот дарскайп – конференсияҳои ташкилшуда муҳокима карда шуданд.

Барои гузаронидани мониторинг усули ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти зерин пешбинӣ гардида буд:

1. Шарҳи қонунгузории миллӣ оид ба дастрасӣ ба иттилоот ҷиҳати амали намудани расмиёти маъмурӣ;
2. Бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатгузории далелҳои рад кардан оид ба дастрасӣ ба иттилоот ва қарорҳои қабулшуда\санадҳои маъмурӣ, ба мақомотҳои болоӣ шикоят овардан аз болои чунин далелҳо, тартиби овардани шикоят тариқи судӣ, тибқи Кодекси ҶТ дар бораи расмиёти маъмурӣ;
3. Ҷамъоварӣ ва таҳлилӣ маълумот (масалан, вобаста ба шикоят нисбати санадҳои маъмурӣ, ҳангоми рад кардан дар пешниҳод намудани иттилоот);
4. Гузаронидани мусоҳиба бо намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, адвокатон, шаҳрвандон, соҳибкорони инфиродӣ, ҳуқуқшиносон ва намояндагони мақомоти маъмурӣ;
5. Дархостҳо ба мақомоти судӣ.

**Воситаҳо:**

Субъектҳои расмиёти маъмурӣ ба ду гуруҳ тақсим карда шуда буданд:

- Пурсишномаи универсалӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар мақомоти маъмурӣ ҳамчун тарафи арзкунанда ё манфиатдор баромад мекунанд;
- Пурсишномаи махсус барои намояндагони мақомоти маъмурӣ, ки дар расмиёти маъмурӣ дар асоси қонун ваколатҳои оммавии ҳуқуқиро иҷро менамоянд.

Таҳқиқот аз се қисм иборат буд. Қисми якум: Шарҳи қонунгузории миллӣ оид ба дастрасӣ ба иттилоот ҷиҳати амали намудани расмиёти маъмурӣ. Қисми дуюм: Гузаронидани мусоҳиба бо намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, адвокатон, шаҳрвандон, соҳибкорони инфиродӣ, ҳуқуқшиносон ва намояндагони мақомоти маъмурӣ. Қисми сеюм: Дархостҳо ба мақомоти судӣ.

Ҳамин тавр, ҳангоми таҳқиқот ҳамагӣ – **254** нафар пурсида шуданд, аз ҷумла: адвокат - 53 нафар, намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ\машваратчиҳои ҳуқуқӣдагони итти, соҳибкорони инфиродӣ - 50 нафар, шаҳрвандон – 50 нафар, ва намояндагони мақомоти давлатӣ – 48 нафар.

Таҳқиқот дар мақомот\ташкилотҳое гузаронида шуд, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд (вилояти Суғд), Курғонтеппа (вилояти Хатлон), Хоруғ (вилояти Мухтори Куҳистони Бдахшон) қарор доранд.

Намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, адвокатҳо, ҳуқуқшиносон, шаҳрвандон, соҳибкорони инфиродӣ ва кормандони марказҳои савдо тибқи суолномаи универсалӣ пурсида шуданд, ки дорои суолҳои мазкур буд:

- Мақомоти асосие, ки шаҳрвандон барои гирифтани иттилоот оид ба масоили маъмурӣ муроҷиат менамоянд;
- Риоя намудани муҳлат, шакли пешниҳод шудани иттилоот аз тарафи кормандони макомоти давлатӣ, асоснок намудани хуқуқии хаттии қарори қабулшуда;
- Риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандони муроҷиатнамуда ба шиносоӣ бо маводи парванда;
- Монеъ шудан ва поймол кардани ҳуқуқи дарстрасӣ ба иттилоот оид ба расмиёти маъмурӣ
- Ҳангоми рад кардан дар пешниҳод намудани иттилоот, чӣ гуна асоснок шудааст;
- Истифодаи сарчашмаҳои интернет барои муроҷиат ва гирифтани иттилоот;
- Шикоят овардани ҳолатҳои поймол шудани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ба мақомоти болоӣ, судӣ ва ғ.

Пурсишномаи намояндагони мақомоти давлатӣ аз чунин саволҳо иборат буд:

- Сатҳи ишғоли вазифаи давлатӣ;
- Тартиб додани ҷавоб\хабарнома аз мақомоти маъмурӣ (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлалтӣ) ба муроҷиат\дархост\аризаи маъмурии шаҳрвандон ва ё шахсони ҳуқуқӣ, шакл ва асоснокии хатии қарори қабулшуда ва ё асос барои рад намудан;
- Пешниҳод намудани маводҳои парванда барои шиносоӣ вобаста ба муроҷиат\дархост\аризаи маъмурии шаҳрванд;
- Тартиби шикоят овардан (бо нишон додани мақомот, суроға ва муҳлат);
- Истифодаи сарчашмаи интернет барои дастрас намудани ҷавоб\хабарнома.

***ШАРҲИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ОИД БА РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ***

Таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонун оид ба дастрасӣ ба иттилоот дар соҳаи расмиёти маъмурӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки заминаи системаи (низоми) таъминоти меъёрӣ дар ин соҳа ташаккул дода шудааст. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар кишвар қонунҳои махсусе, ки муқаррароти умумиро оид ба иттилоот муайян менамоянд, тартиби умумии дастрасӣ ба иттилоот ва уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ оид ба таъмини он вуҷуд доранд. Ғайр аз ин, муқаррароти алоҳидае, ки то андозае ҳуқуқ ба иттилоот ва дастрасӣ ба онро танзим мекунанд, дар дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (аз қонунҳои конститутсионӣ оғоз намуда, то дастурамалҳои идоравӣ) пешбинӣ шудаанд. Дар айни замон, аксарияти муқаррароти зикргардида ё эъломиявӣ мебошанд, ё ин ки хислати тавакалӣ доранд ва дигар нуктаи муҳим – дар аксарият ҳолатҳо механизми мушаххаси татбиқ ва масъулият дар онҳо вуҷуд надоранд.

Дар амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионӣ ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот бояд тасмим гирифт, ки низомнокии расмиёти ҳуқуқӣ мустаҳкам гардад. Шакли асосии амалинамоии ҳуқуқи номбурда, расмиёти маъмурӣ ҳисоб меёбад. Тибқи моддаи 1 Кодекси расмиёти маъмурӣ тартиби таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ, баррасии ариза ва шикоятҳои маъмурӣ, мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд ва ҳамкории мақомоти маъмуриро муайян менамояд.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти ҷамъиятӣ, ин ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои гирифтани ҳама гуна маълумоти ба онҳо лозима, вобаста ба амалӣ намудани вазифаҳои ҷамъиятӣ, тавассути муроҷиат намудан тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба молики иттилооти ҷамъиятӣ бо шарти мустақилона ва озодона муайян намудани ҳаҷми талабот, ба шумор меравад. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти ҷамъиятӣ яке аз усулҳои татбиқи ҳуқуқи конститутсионӣ барои гирифтани иттилоот буда, ба ҳуқуқи маҷмӯӣ –“ҳуқуқ ба иттилоот” марбут аст, ки хислати конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дорад.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти ҷамъиятӣ бевосита ба ниҳоди расмиёти маъмурӣ алоқаманд мебошад, ки ҳуқуқи дорои хислати иттилоотиро ба шакли маъмурию расмиётии махсус

медарорад. Бидуни шакли мазкур ҳуқуқи баррасишаванда наметавонад ба таври самаранок амалӣ карда шавад.

Санадҳои меъёрии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маъсалаи ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот ва\ё *дастрасӣ ба иттилоот дар соҳаи расмиёти маъмурӣ*, инҳоянд:

- Кодекси андози ҶТ;
- Кодекси гумруки ҶТ;
- Кодекси замини ҶТ
- Кодекси шаҳрсозии ҶТ;
- Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» ;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» ;
- Қонуни ҶТ "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон";
- Қонуни ҶТ "Дар бораи иҷозатдиҳӣ";
- Қонуни ҶТ"Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият"
- Қонуни ҶТ"Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ"
- Қонуни ҶТ"Дар бораи баққайдгирии давлатии асноди ҳҳолати шаҳрвандӣ"
- Қонуни ҶТ " Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ".

Мавриди зикр аст, ки масъалаҳои вобаста ба мурочиати шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимият тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон" аз 14 декабри соли 1996 ба танзим дароварда мешаванд, ки он муносибати давлат ва шаҳрвандро ба таври пурра инъикос намекунад. Чунин сатҳи қонунгузорӣ ба вазифаҳои рушди миллӣ чандон ҷавобгӯ нестанд.

Вазифаи баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунӣ дар назди ҳар як давлат қарор дорад. Дар кишвари мо баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии давлатӣ заминаи ҳатмии рудши давлат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандони он, ҳадди аксар наздик кардани Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалии демократӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Айни замон Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2007 қабул гардида буд (қабл аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот"), масъалаи ҳуқуқ ба иттилоот ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро

ҳангоми амалисозии расмиёти маъмурӣ нисбатан беҳтар танзим менамуд.

Бо ҳисоби мо дар Кодеси мазкур, қариб 30 меъёр, ки мустақим ё ғайримустақим, ба суолҳои дар боло нишондода таъсир мерасонад, зикр шудаанд. Ин меъёрҳо дар ду шакл ифода гардидаанд:

1) *Ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва/ё ҳуқуқӣ* ( дар Кодексе ҳамчун арзкунанда ва ё шахси манфиатдор ифода ёфтаанд) ба иттилоот ва ё дастрасӣ ба иттилоот.

Ба чунин субъектҳо Кодекси расмиёти маъмурӣ дохил кардааст:

а) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки нисбати онҳо санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидааст, инчунин санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ ё амалҳои мақомоти маъмурӣ, ки ба манфиатҳои қонунии онҳо таъсири мустақим ва бевосита мерасонанд;
б) мақомоти маъмурие, ки нисбати онҳо санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидааст, инчунин санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ ё амалҳои мақомоти маъмурӣ, ки ба манфиатҳои қонунии онҳо таъсири мустақим ва бевосита мерасонад.

2) *Ӯҳдадории мақомоти маъмурӣ* дар дастрасӣ намудат ба иттилооте, киКодекс дохил кардааст:

а) мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳраку деҳот;
б) ҳама гуна шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки дар асоси қонун ваколатҳои оммавии ҳуқуқиро иҷро менамоянд;

Бояд қайд намуд, ки ин ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо дар Кодекс бо калимабандиҳои гуногун ифода ёфтаанд, ба мисли "ҳуқуқи шинос шудан...", "уҳдадор аст хабардор намояд..", "бояд ба тасвиб расонида шуда бошад, шинос кардашуда бошад", " барои шинососии расмӣ пешниҳод карда шуда бошад...", "ҳуқуқи талаб, гирифта....", "ҳуқуқи иштирок..", "дархост оид ба талаб карда гирифтан..", "бояд фиристода шавад...".

Масоили рамиёти маъмурӣ дар андозаҳои гуногун, на танҳо дар Кодекси расмиёти маъмурӣ ҶТ, балки дар дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудааст.

Барои аён будани ин фикррониҳо, намунаҳои чунин меъёрҳо дар ҷадвали поён оварда шудаанд

**НАМУНАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН ВА ШАХСОНИ ҲУҚУҚИРО БАРОИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ҶИҲАТИ АМАЛӢ НАМУДАНИ РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ПЕШБИНӢ МЕКУНАНД:**

| № | Номгӯи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ |
|---|---|---|
| 1. | **Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ** | **Моддаи 15. Асоснокии санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ**<br>1. Асоснокии хаттӣ бояд якҷоя бо санади ҳуқуқии маъмурӣ интишор гардад (барои расман шинос шудан пешниҳод гардад).<br><br>**Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани санади маъмурӣ**<br>1. Санади маъмурӣ баъди тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун огоҳ намудани тарафҳо ё аз рӯзи интишор гардидан мавриди амал қарор дода мешавад.<br>2. Мақомоти маъмурӣ тарафҳоро бо роҳи супурдани огоҳинома дар бораи қабули санади маъмурӣ огоҳ мекунад.<br><br>**Моддаи 19. Дастраси умум гардонидан**<br>1. Дастраси умум гардонидан маънои дар мақомоти маъмурӣ дар ҷои намоён (лавҳа) гузоштани санади ҳуқуқии маъмуриро дорад.<br>2. Дар мавриди зарурат санади маъмурӣ **ҳамчунин дар дигар ҷойҳои оммавӣ** низ дастраси умум гардонида мешавад.<br>**Моддаи 30. Бақайдгирии аризаи маъмурӣ**<br>2. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст дар сурати гирифтани аризаи маъмурӣ бе ҳузури аризадиҳанда ё бо талаби ӯ тасдиқномаи бақайдгириро фавран бо почта ба ӯ равон кунад.<br><br>**Моддаи 31. Ба дигар мақомоти маъмурии ваколатдор равон кардани** |

| | | |
|---|---|---|
| | | **аризаи маъмурӣ**<br>2. Дар сурати аризаи маъмуриро гирифтани **мақомоти маъмурии ваколатдорӯҳдадор аст** аризадиҳандаро аз гирифтани чунин ариза огоҳ кунад.<br><br>**Моддаи 49. Ҳуқуқи шинос шудан бо маводи расмиёти маъмурӣ**<br>1. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда ҳақ дорад, ба истиснои ҳуҷҷатҳо ва маводи марбут ба таҳияи санади маьмурӣ, ки хислати дохилиидоравӣ доранд, бо маводи расмиёти маьмурӣ шинос шавад. |
| 2. | **Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон»** | **Моддаи 1. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муроҷиат**<br>Шаҳрвандон мувофиқи Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд шахсан ё якҷоя бо дигарон ва ё ба воситаи намояндагони ваколатдори худ, бо тартиби муқарраркардаи ҳамин қонун ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисахо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ки ҳалли масъалаҳои дар муроҷиат овардашуда ба салоҳияти онҳо дохил мешаванд, муроҷиат намоянд.<br><br>**Моддаи 7. Ҳуқуқи шаҳрванд ҳангоми пешниҳоди шикоят**<br>Шаҳрванде, ки бо шикоят ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият муроҷиат менамояд, ҳуқуқ дорад;<br>- бо материалҳои санҷиш бо риояи талаботи моддаи 11-уми ҳамин Қонун шинос шавад. |
| 3. | **Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ"** | Моддаи 11. Принсипҳои асосии низоми иҷозатдиҳӣ<br>**- шаффофияти** қабули қарорҳо, танзимкунӣ ва пешбинишаванда будани ҷараёни додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ; |

| | | |
|---|---|---|
| 4. | **Қонуни ҶТ “Дар бораи иҷозатномадиҳии ба баъзе намудҳои фаъолият»** | **Моддаи 3. Принсипҳои асосии иҷозатномадиҳӣ**<br>Иҷозатномадиҳӣ дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мегардад:<br>**- ошкорбаёнӣ дар иҷозатномадиҳӣ**;<br><br>**Моддаи 15. Бурдани феҳристи иҷозатномаҳо**<br>3. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо буда, барои шиносоии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушода аст.<br>4. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо буда дар бораи иҷозатномадори мушаххас дар шакли иқтибос ба шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ бо пардохти маблағ дода мешавад. Андозаи пардохти маблағ барои додани чунин маълумот як нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад ва ба буҷети давлатӣ гузаронида мешавад.<br>5. Маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бемузд дода мешавад.<br>6. Мӯҳлати додани маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо баъди қабули аризаи дахлдор набояд аз се рӯз зиёд бошад. |
| 5. | **Кодекси андози ҶТ** | **Моддаи 18. Ҳуқуқҳои андозсупоранда (агенти андоз)**<br>1. Андозсупоранда (агенти андоз) ҳуқуқ дорад:<br>- аз мақомоти андоз доир ба андозҳои амалкунанда ва тағйирот дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот, инчунин оид ба тартиби ҳисоб кардан ва пардохтани андозҳо ва пур кардани шаклҳои хисоботи андоз **шарҳу эзоҳ** гирад;<br>- натиҷаҳои назорати андозро гирад;<br>- оид ба санҷиши ҳуҷҷатии дарпешистода **огоҳинома гирад**;<br><br>**Моддаи 273. Меъёрҳои андози замин**<br>1. Меъёрҳои андоз аз як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва |

| | | |
|---|---|---|
| | | буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои истифодаи кишоварзӣ ҳар 5 сол бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.<br>2. Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳар сол меъёрҳои андози заминро мутобиқи сатҳи таваррум дар соли гузаштаи андоз, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи омор муайян карда мешавад, индексатсия намуда, меъёрҳои индексатсияшудаи андози заминро барои соли ҷории тақвимӣ дар сомонаи расмии электронии худ ҷойгир мекунад. |
| 6. | **Кодекси шаҳрсозии ҶТ** | **Моддаи 9. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ**<br>1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ ҳуқуқ доранд:<br>- аз мақоми давлатӣ иттилоот, маълумот ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро, ки барои фаъолияти шаҳрсозӣ зарур мебошанд, дархост ва дастрас намоянд;<br><br>**Моддаи 85. Дастрасии иттилоот дар соҳаи шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>1. Ҳар як субъекти фаъолияти шаҳрсозӣ ҳуқуқи дастрас кардани иттилоотро дар соҳаи шаҳрсозӣ, аз ҷумла дар бораи ҳолати муҳити зист, бо назардошти тағйироти он, нақшаҳои генералии маҳалҳои аҳолинишин, сохтумон, таҳдиди объектҳои таъиноти манзилию шаҳрвандӣ, ободонии ҳудуд, сохтани шабакаҳои муҳандисӣ ва нақлиётӣ ва иттилооти дигарро дар бораи фаъолияти шаҳрсозӣ доранд.<br>2. Мақомоти давлатӣ вазифадоранд дар доираи ваколатҳои худ дастрас будани иттилоотро дар соҳаи шаҳрсозӣ ба субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" таъмин намоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| 7. | **Кодекси Гумруки ҶТ** | **Моддаи 22. Гирифтани иттилоот оид ба сабабҳои қабули қарор, амалӣ (беамалии) содиршуда**<br>1. Шахсе, ки нисбати вай аз ҷониби мақоми гумрук ё шахси мансабдор қарор қабул гардидааст ё амале анҷом дода шудааст, инчунин шахсе, ки то гузашти мӯҳлати муайян нисбати вай қарор қабул нашудааст, ё ки бояд иҷро гардад, вале иҷро нашудааст, ҳуқуқ дорад ба ин мақоми гумрук оид ба сабаб ва асосҳои қабул шудани қарор ё амали иҷрошуда ё сабабҳои қабул нашудани қарор ё анҷом надодани амали дахлдор муроҷиат намояд, агар ин мустақиман ё ба таври инфиродӣ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои шахси номбаршуда дахл дошта бошад.<br>2. Дархост бояд дар давоми шаш моҳи қабули қарор, иҷрои амал (беамалӣ) ё ба анҷом расидани мӯҳлати қабули онҳо ё иҷрои амал ё аз рӯзе, ки ин шахс оид ба қабули қарор ё анҷом додани амал (беамалӣ) огоҳ гардидааст, пешниҳод карда шавад.<br>3. Шахси манфиатдор барои пешниҳоди маълумоти зарурӣ метавонад ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ бо дархост муроҷиат намояд. Дархости шифоҳӣ бояд аз ҷониби мақоми гумрук **дар рӯзи қабули дархост** баррасӣ карда шавад. Ҳангоми додани дархости хаттӣ ба он бояд дар давоми 10 рӯзи гирифтани дархостнома хаттӣ ҷавоб дода шавад. |
| 8. | **Кодекси Замини ҶТ** | **Моддаи 1(3). Принсипҳои асосии қонунгузории замин**<br>Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи он қабулгардидаи қонунгузории замин ба принсипҳои зайл асос<br>- дастрас будани иттилоот оид ба қитъаҳои замин.<br><br>**Моддаи 40.1. Хабардор кардан дар бораи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ**<br>Раванди гирифтани ҷитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ шаффоф мебошад.<br>Тамоми қарорҳо дар бораи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиеҷоти давлатӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | | ё ҷамъиятӣ дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ба забонҳои давлатӣ ва русӣ дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки қарор қабул намудааст, интишор карда мешаванд.<br>Тамоми қарорҳо дар бораи тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин модда интишор карда мешаванд. |
| 9. | **Қонуни ҶТДар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Моддаи 6. Принсипҳои асосии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>Принсипҳои асосии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:<br>- қонунӣ будан, беғаразӣ ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти мақомоти санҷиш;<br><br>**Моддаи 19. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидорӣ**<br>1. Субъектҳои хоҷагидорӣ ҳуқуқ доранд:<br>- дар бораи санҷиши дар пешистода маълумот дошта бошанд;<br>- аз шахсони мансабдори санҷишкунанда асосҳои гузаронидани санҷишҳоро талаб намоянд, бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти санҷишкунандагон шинос шаванд;<br>- аз мақомоти санҷиш нусхаи санади санҷишро дар давоми панҷ рӯзи корӣ баъди анҷоми санҷиш талаб намоянд ва гиранд;<br><br>**Моддаи 22. Дастрасии иттилоот оид ба санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>1. Ҳар як субъекти хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттилоот оид ба санҷиши фаъолияти худ ҳуқуқ дорад.<br>2. Мақомоти санҷиш ўҳдадор аст ба субъектҳои хоҷагидор дастрасии иттилоотро оид ба масъалаҳои санҷиши фаъолияти онҳо тибқи тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот" таъмин намоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| 10. | **Қонуни ҶТ"Дар бораи бақайдгирии давлатии аснодиҳолати шаҳрвандӣ"** | **Моддаи 13. Рад кардани бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ**<br>2. Роҳбарони мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ӯҳдадоранд бо талаби шахсе (намояндаи ӯ), ки нисбат ба ӯ бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ рад карда шудааст, сабаби рад карданро дар шакли хаттӣ ба арзкунанда пешниҳод намоянд. |
| 11. | **Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»** | **Моддаи 9. Пешниҳоди маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ**<br>1. Маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷудбуда ошкоро ва дастраси умум мебошанд.<br>2. Маълумотро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархости хаттӣ пешниҳод менамоянд.<br>3. Маълумот дар бораи маҳали истиқомат ва маълумот дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари шахси ҳуқуқӣ ва муассиси шахси ҳуқуқӣ, инчунин маълумот дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти соҳибкори инфиродӣ, ба истиснои маҳали зисти ӯ махфӣ мебошанд.<br>4. Рад намудани додани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба истиснои маълумоти пешбининамудаи қисми 3 моддаи мазкур роҳ дода намешавад.<br>5. Маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ дар шакли иқтибос ё маълумот дар бораи мавҷуд набудани маълумоти дархостгардида пешниҳод карда мешавад.<br>6. Бо тартиби пешбининамудаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ иқтибосро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо аз рӯи парвандаҳои дар истеҳсолоти онҳо мавҷудбуда ройгон пешниҳод менамоянд. |

**НАТИҶАҲОИ* ПУРСИШ :**

Бо мақсади муайян намудани ҳолати кунунӣ вобаста ба амалияи дастрасӣ ба иттилоот, ҷиҳати амалӣ намудани расмиёти маъмурӣ, байни субъектони иштирокчиёни он пурсиш гузаронида шуд.

Субъектҳои расмиёти маъмурӣ ба ду гуруҳ тақсим карда шуданд[1]:

- Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар мақомоти маъмурӣ ҳамчун тарафи арзкунанда ё манфиатдор баромад мекунанд;
- Пурсишномаи махсус барои намояндагони мақомоти маъмурӣ, ки дар расмиёти маъмурӣ дар асоси қонун ваколатҳои оммавии ҳуқуқиро иҷро менамояд.

***<u>Пурсиши шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ:</u>***

Ҳамагӣ – **254** нафар пурсида шуданд, аз ҷумла:

- Адвокатҳо - 53 нафар;
- Намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ\машваратчиҳои ҳуқуқӣ - 53 нафар;
- Соҳибкорони инфиродӣ - 50 нафар;
- Шаҳрвандон – 50 нафар;
- Намояндагони мақомоти давлатӣ – 48 нафар.

1. ***<u>Натиҷаҳои мусоҳиба бо адвокатҳо</u>***

Ҳамагӣ **53 адвокат** пурсида шудааст, ки собиқаи кориашон то се сол**:** 20 нафар ва аз 3 ва зиёда аз 10 сол - 33 нафар.

Барои дастрасӣ ба иттилоот аз мақомоти маъмурӣ (мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), муроҷиат намуданд: - 34 адвокат, боқимонда 19–нафар муроҷиат накардаанд. Ба муроҷиати худ **ҷавоб\хабарнома** гирифтанд -2 адвокат ва 2 нафар умуман ҷавоб нагирифтаанд. **Ҷавоб\хабарнома** ба тариқи хаттӣ аз мақомоти маъмурӣ гирифтанд: 17 нафар, ба тариқи шифоҳи ва 15 нафар хаттӣ.

---

[1]Баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд.

Дар ҷавобҳҳои гирифташуда аз маққомоти маъмурӣ асос\фаҳмондадиҳии хаттии ҳуқуқӣ дар 19 ҳолат пешниҳод карда шуда буд ва дар 13 ҳолат пешниҳод нашудааст.

Ҳуқуқи адвокатон ба шинос шудан бо маводҳои парванда, ҳангоми муроҷиат намудан бо дархост\муроҷиат дар 15 ҳолат риоя шуда, дар 16 ҳолати дигар ин ҳуқуқ поймол шудааст ва дар 1 ҳолат барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ муроҷиат карда нашудааст.

Ҳангоми рад кардан ба дархост\муроҷиат\ аризаи маъмурӣ бо чунин далелҳо асоснок карда мешуданд:

a. Иттилоот сирри давлатӣ, хизматӣ ва ё махфӣ мебошад (5 ҳолат);
b. Мавҷуд набудани иттилоот (8 ҳолат);
c. Ба мақомоти маъмурии дигар муроҷиат намудан, пешниҳод карда шуд (7 ҳолат);
d. Шахси муроҷиатнамуда, субъекти муроҷиат нест (4 ҳолат);
e. Ягон тавр асоснок карда нашуд (5 ҳолат).
f. Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд (10 ҳолат)

*(баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд)*

Дар ҷавоби мақомоти маъмурӣ ба муроҷиат\ариза\дархости маъмурӣ на ҳама вақт тартиб ва муҳлати шикоят овардан ва мақомоте, ки шикоятро бояд баррасӣ намояд, нишон дода мешуд (дар 9 ҳолат нишон дода шуда буд ва дар 18 ҳолат– не). Аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд. Дар баробари ин бештар ба Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ (2 ҳолат), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (1 ҳолат), Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» (9 ҳолат), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” (4 ҳолат), Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» (6 ҳолат), Конститусияи ҶТ (1 ҳолат), аз ҷавоб худдорӣ намуданд дар 13 ҳолат *(баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Ҳангоми барои дастрас намудани иттилоот, муроҷиат намудан, дастрасӣ мекарданд:

a. Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ (3 ҳолат)
b. Кодекси мурофиаи граждании ҶТ (7 ҳолат)
c. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (5 ҳолат)

d. Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” (27 ҳолат)
e. Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” (13 ҳолат)
f. Конститутсияи ҶТ (3 ҳолат). (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Аксарияти пурсидашудагон (25 нафар) қайд карданд, ки ҳангоми муроҷиат намудан ба мақомоти маъмурӣ бо душворӣ рӯ ба рӯ шуданд ва танҳо дар 7 ҳолат ба душворӣ рӯ ба рӯ нашуданд. Душворӣ ҳангоми дастрасӣ ба иттилоот чунин буд: маҳдуд намудан дар ҳуқуқи иштирок доштан ва ё ташриф овардан ба мақомоти давлатӣ (6 ҳолат), маҳдуд намудани ҳуқуқи сабт намудан ва ё нусхабардоштани ҳуҷҷатҳо ва ғ. (18 ҳолат), рад намудан дар пешниҳод намудани иттилоот (8 ҳолат), тӯл кашонидани мухлати дастрасӣ ба иттилоот (2 ҳолат), 7 нафар аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд. (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд)*

Мақомоте, ки барои дастрасӣ намудан ба иттилоотро рад намуданд ва ё маҳдуд намуданд инҳоянд: мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (14 ҳолат), мақомоти андоз (9 ҳолат), мақомоти меъморӣ ва шаҳрсозӣ (1 ҳолат), корхонаҳои тандурустӣ (4 ҳолат), маориф (4 ҳолат), мақомоти заминсозӣ (4 ҳолат), мақомоти хоҷагии коммуналӣ (4 ҳолат), мақомоти худидории маҳаллӣ (4ҳ олат), ШВКД ва мақомоти амниятӣ (1 ҳолат), идораҳои нотариалӣ (2 ҳолат), КДФИБММҒ - (3 ҳолат),

(*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

5 нафар қайд намуданд, ки дар мақомоти номбурда поймол шудани ҳуқуқ ба назар нарасидааст.

Адвокатҳо иттилоотро вобаста ба ҳолатҳои зерин дархост намуданд: пешниҳод намудани ягон ҳуқуқ (8 ҳолат), дастрасӣ ба маълумотномае, ки ягон далели ҳуқуқиро тасдиқ менамояд (21 ҳолат), ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ (2 ҳолат), иттилооти оморӣ (10 ҳолат), оид ба амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ (4 ҳолат), нусхабардории ҳуҷҷат аз маводҳои парванда (2 ҳолат) (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Хушбахтона дар 18 ҳолат барои дастрасӣ намудан ба санадҳои меъёри- ҳуқуқӣ маҳдудият вуҷуд надошт ва танҳо дар

10 ҳолат чунин маҳдудият ҷой дошт (ба санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ – 1 ҳолат, ҳуҷҷатҳои дохилии мақомот – 2 ҳ., лоиҳаҳои смҳ – 1 ҳ., ҳуққатҳои ёдгорӣ - 6 ҳ.), ва дар 4 ҳолат аз ҷавоб додан ба савол пурсидашудагон худдорӣ намуданд. Дар 8 ҳолат рад кардан дар пешниҳод намудани маълумот чунин асостнок карда шуданд:вуҷуд надоштани имконияти техникӣ барои нусха бардоштан аз мавод (3 ҳолат), мавҷуд набудани мавод (2 ҳолат), набудани вақт (1 ҳолат), иттилоот барои истифодаи маҳдуди шахсон буда, махфӣ аст (4 ҳолат). Дар аксарияти ҷавобҳо иттилоот махфӣ ва ё нопурра аст ва ё ғалат аст (24 ҳолат) танҳо дар 8 ҳолат қайд намудаанд, ки иттилоот дастрас, пурра ва дуруст аст. (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд)*

Баъзе аз пурсидашудагон қайд намуданд, ки иттилоот вобаста ба расмиёти маъмурии ҶТ, дар интернет дар сомонаҳои агентии иттилоотии «Азия-Плюс» (www.news.tj) ва Маркази милии қонунгузории назди Президенти ҶТ, сомонаи «Адлия» – 7 нафар вохурдаанд, аз ҷавоб худдорӣ намуданд – 2 нафар, 23 нафар қайд карданд, ки чунин иттилоотро дар сомонаи интернетӣ во нахурдаанд. Барои дастрасии иттилоотӣ оид ба расми ти маъмурӣ тариқи интернет 1 нафар муроҷиат намудааст ва 31 нафари дигар ба тариқи интернет барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ муроҷиат накардаанд

### ***1.2. Натиҷаҳои мусоҳиба бо намояндаготи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (машваратчиҳо оид ба масоили ҳуқуқӣ)***

Ҳамагӣ дар мусоҳиба 53 нафар иштирок доштанд. Собиқаи кории аксарияти пурсидашудагон калон аст (аз 3 ва зиёда аз 10 сол - 30 нафар) 23 нафар собиқаи кории аз 1 то 3 солро доранд. Байни пурсидашудагон машваратчиён оид ба ҳуқуқи инсон, ёварон (ассистент), ёрдамчиҳои ҳуқуқшинос, машваратчиҳои қабулгоҳҳои ҳуқуқӣ, роҳбарони ташкилотҳо, мутахассисон ва мушовирони ҳуқуқи инсон.

43 нафар барои дастрас намудани иттилоот ба мақомоти маъмурӣ муроҷиат намудаанд ва 10 нафар муроҷиат накардааст. 40 нафар ба муроҷиати худ ҷавоб\хабарнома бо тариқи хаттӣ ва 4 нафар шифоҳӣ, 3 нафар қайд карданд, ки ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ пешниҳо карда шудааст. Пурсидашудагон қайд карданд, ки дар ҷавобҳои хаттии мақомоти маъмурӣ далел

ва на ҳама вақт асосҳои ҳуқуқӣ оварда мешавад (29 ҳолат) ва дар 11 ҳолат умуман чунин асосноккунӣ набуд. Вале бояд қайд намуд, ки дар аксари ҳолатҳо мконият барои шиносоӣ бо маводҳои парванда пешниҳод карда мешуд (24 ҳолат) ва танҳо дар 16 ҳолат чунин ҳуқуқ поймол гаштааст.

Рад намудан дар пешниҳоди иттилоот оид ба рамиёти маъмурӣ чунин асоснок карда шудааст: иттилоот сирри давлатӣ, хизматӣ ва ё махфӣ мебошад (2 ҳолат), дар тобеъ набудани иттилоот ( 2 ҳолат), мавҷуд набудани иттилоот (2 ҳолат), ба мақомоти маъмурии дигар мурочиат намудан пешниҳод карда шуд (2 ҳолат), шахси мурочиатнамуда субъекти мурочиат нест (2 ҳолат), ягон тавр асоснок карда нашуд (2 ҳолат). Дигарон аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар аксар маврид дар ҷавоби мақомоти маъмурӣ ба мурочиат\ариза\дархости маъмурӣ на ҳама вақт тартиб ва муҳлати шикоят овардан ва мақомоте, ки шикоятро бояд баррасӣ намояд, нишон дода мешуд (дар 35 ҳолат нишон дода шуда буд ва дар 5 ҳолат чунин тартиб нишон дода нашудааст). Дар баробари ин бештар ба Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ (2 ҳолат), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (1 ҳолат), Қонуни ҶТ «Дар бораи мурочиати шаҳрвандон» (20 ҳолат), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” (1 ҳолат), Кодекси замини ҶТ ва дар ҳолатҳои боқимонда пурсидашудагон аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд *(баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд)*

Ҳангоми барои дастрас намудани иттилоот, мурочиат намудан, пурсидашудагон дастрасӣ мекарданд: Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ (43 ҳолат), Кодекси мурофиаи граждании ҶТ (13 ҳолат), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (4 ҳолат), Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” (12 ҳолат), Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” (17 ҳолат), Конститутсияи ҶТ (2 ҳолат), Кодекси замини ҶТ (3 ҳолат), Кодекси андози ҶТ (1 ҳолат), Қонуни ҶТ “Дар бораи вазъи хизматчиёни ҳарбӣ (2 ҳолат), Қонуни ҶТ “Дар бораи мурочиати шаҳрвандон (2 ҳолат), Қонуни ҶТ “Дар бораи “Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” (2 ҳолат).

*(баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Аксарияти пурсидашудагон ҳангоми муроҷиат намудан ба мақомоти маъмурӣ ба душворӣ рӯ ба рӯ шудаанд (24 ҳолат), аз ҷумла ба: маҳдуд намудан дар ҳуқуқи иштирок доштан ва ё ташриф овардар ба мақомоти давлатӣ (11 ҳолат), маҳдуд намудани ҳуқуқи сабт намудан ва ё нусха бардоштани ҳуҷҷатҳо ва ғ. (17 ҳолат), рад намудан дар пешниҳод намудани иттилоот (9 ҳолат), ба дарозо кашидани муҳлати дастрасӣ ба иттилоот (3 ҳолат,*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд) ва дар* 16 ҳолат чунин душворӣ ҷой надошт.

Пурсидашудагон дар мақомоти маъмурии зерин бо маҳдуд намудан ё рад намудан дар пешниҳоди иттилоот рӯбарӯ шудаанд: мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (21 ҳолат), мақомоти андоз (7 ҳолат), мақомоти меъморӣ ва шаҳрсозӣ (3 ҳолат), корхонаҳои тандурустӣ (5 ҳолат), маориф (8 ҳолат), мақомоти заминсозӣ (9 ҳолат), мақомоти низомӣ (2 ҳолат) мақомоти хоҷагии коммуналӣ (1 ҳолат), мақомоти худидории маҳаллӣ (3 ҳолат), ВКД (1 ҳолат) ва Вазорати мудофиаи ҶТ (1 ҳолат), (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Иттилооти талабкардашуда вобаста ба ҳолатҳои зерин буданд:

1. оид ба пешниҳод намудани ягон ҳуқуқ (барои мисол ҷудо кардани қитъаи замин, сохтумони иншоот) - 13 ҳолат;
2. дастрасӣ ба маълумотномае, ки ягон далели ҳуқуқиро тасдиқ менамоянд (15 ҳолат);
3. ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ (3 ҳолат);
4. иттилооти оморӣ (9 ҳолат);
5. оид ба амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдорӣ давлатӣ (8 ҳолат), (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Дар аксари ҳолатҳо (25 ҳолат) барои дастрасӣ намудан ба санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ маҳдудият вуҷуд надошт ва танҳо дар 15 ҳолат чунин маҳдудият ҷой дошт (ба санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ - 4, ҳуҷҷатҳои дохилии мақомот – 10 ҳ., лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ – 1 ҳ., ҳуҷҷатҳои ёдгорӣ - 3 ҳ.). Дар ҳолатҳои рад кардан оиди пешниҳодимаълумот чунин асоснок карда шуда буд: вуҷуд надоштани имконияти техникӣ барои нусха бардоштан аз мавод (3 ҳолат), мавҷуд набудани мавод (5

ҳолат), набудани вақт (1 ҳолат), иттилоот барои истифодаи маҳдуди шахсон буда, махфӣ аст (9 ҳолат). Дар аксарияти ҷавобҳо иттилоот махфӣ ва ё нопурра,ё ғалат аст (34 ҳолат) .

Бояд қайд намуд, ки пурсидашудагон қайд намуданд, ки иттилооти вобаста ба расмиёти маъмурии ҶТ, дар интернет дар 6 ҳолат во хурдаанд, дар сомонаҳои агентии иттилоотии «Азия-Плюс» (www.news.tj) ва Маркази милии қонунгузории назди Президенти ҶТ, сомонаи Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон (www.hrp.tj), рӯзномаи “Импулс”, сомонаи Вазорати адлияи ҶТ, 34 нафар қайд карданд, чунин иттилоотро дар сомонаҳои интернетӣ во нахурдаанд. Барои дастрасии иттилоотӣ оид ба расмиёти маъмурӣ тариқи интернет 4 нафар муроҷиат намудааст ва 36 нафари дигар ба тариқи интернет барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ муроҷиат накардаанд

### ***1.3. Натиҷаҳои мусоҳиба бо соҳибкорони инфиродӣ ва кормандони муассисаҳои савдо***

Ҳамагӣ 50 нафар пурсида шуд. Пурсиш байни гуруҳи намояндагони касбиятҳои гуногун гузаронида шуд,аз ҷумла: 40 нафар соҳибкори инфиродӣ, 5 нафар ҳуқуқшинос, 1 нафар рӯзноманигор, 1 нафар роҳбари ташкилот, 1 нафар корманди бонк, 1 нафар сармуҳосиб, 1 нафар иқтисодчӣ. Собиқаи кории пурсидашудагон то 1 сол (23 нафар) ва аз 1 то зиеда аз 10 сол - 27 нафар.

Дар 23 ҳолат пурсидашудагон қайд карданд, ки ба мақомоти маъмурӣ муроҷиат намудаанд ва дар 27 ҳолат не. Ба муроҷиатҳо ҳамагӣ дар 22 ҳолат ҷавоб гирифта шуд ва дар 18 ҳолат чунин ҷавобҳо ба тариқи хаттӣ буданд. Дар 18 маврид аз 22 ҳолат дар ҷавобҳо асосҳои ҳуқуқӣ оварда шуда буданд ва танҳо дар 4 ҳолат чунин асосноккунӣ мавҷуд набуд. Дар 17 ҳолат ҳуқуқи шинос шудан бо маводҳои парванда риоя карда шудаанд.

Рад намудан дар пешниҳоди иттилоот бо далелҳои зерин асоснок карда мешуд: иттилоот сирри давлатӣ ва ё хизматӣ аст (2 ҳолат), ба дигар мақомоти маъмурӣ муроҷиат намоед (4 ҳолат), рад кардан асоснок карда нашуд (1 ҳолат), боқимонда 17 нафар аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Умуман дар 7 ҷавоб тартиби шикоят овардан фаҳмонида дода шудааст ва дар 15 ҳолат - не. Дар ҷавобҳои худ мақомотҳои маъмурӣ ба қонунгузории зерин асос кардаанд:

Қонуни ҶТ “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон” - 3 ҳолат, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” - 1 ҳолат, КМҶ ҶТ – 1 ҳолат, КМГ ҶТ – 1 ҳолат, Кодекси андози ҶТ – 1 ҳолат, боқимонда пурсидашудагон аз ҷавоб додан худдорӣ карданд.

Дархост ва муроҷиатҳо аз ҷониби муроҷиаткунандаҳо бо меъёрҳои қонунгузории зерин асоснок карда шуда буданд: Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” - 14 ҳолат, Қонуни ҶТ “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон” -1 ҳолат, Қонуни ҶТ “Дар бораи қувваи барқ” – 1 ҳолат, Кодекси мурофиаи иқтисодӣ - 1 ҳолат, КМГ ҶТ – 1 ҳолат ва 4 нафар аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Ҳангоми муроҷиат намудан ба мақомоти маъмурӣ пурсидашудагон бо душвориҳои зерин рӯбарӯ шуданд: надонистани қонун – 1 ҳолат, маҳдуд намудани ҳуқуқи сабт намудан - 11 ҳолат, рад намудан дар пешниҳоди иттилоот – 5 ҳолат, маҳдуд намудани ҳуқуқи муроҷиат ва иштирок дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ – 5 ҳолат. (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Дар поён номгӯи мақомоте оварда шудаанд, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро маҳдуд кардаанд: (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 14 ҳолат;
- мақомоти андоз – 14 ҳолат;
- мақомоти меъморӣ ва шаҳрсозӣ- 2 ҳолат;
- мақомоти заминсозӣ – 4 ҳолат;
- мақомоти хоҷагии коммуналӣ – 2 ҳолат;
- мақомоти худидораи маҳаллӣ – 2 ҳолат;
- мақомоти судӣ – 1 ҳолат;
- корхонаҳои тандурустӣ– 1 ҳолат;
- маориф– 1 ҳолат.

Иттилооти зерин талаб карда шудааст: пешниҳод намудани ягон намуди ҳуқуқ – 8 ҳолат, маълумотнома дар бораи пешниҳод намудани далели ҳуқуқӣ – 10 ҳолат, вазъи тартиботи ҷамъиятӣ – 3 ҳолат, маълумоти оморӣ – 4 ҳолат, амали ғайриқонунӣ будани ягон намуди ҳуқуқ – 8 ҳолат (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

20 нафар аз пурсидашудагон қайд намуданд, ки ба онҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии талабкардашудаашон пешниҳод

карда шудааст ва танҳо дар ду ҳолат рад карда шудааст. Сабаби рад карда шудан дар вуҷуд надоштани имконияти техникӣ – 1 ҳолат, маҳдудияти дастрасӣ – 2 ҳолат, надоштани вақт – 1 ҳолат (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).* Як қисми ҷавобҳои аз тарафи мақомоти маъмурӣ дастрасишуда, дар натиҷа маҳдуд ва нопурра – 15 ҳолат ва ё нопурра буданд– 7 ҳолат.

15нафар аз пурсидашудагон қайд намуданд, ки дар сомонаҳои интернетӣ бо иттилоот оид ба расмиёти маъмурӣ во нахурдаанд, танҳо 17 нафар қайд карданд, ки бо чунин иттилоот дар сомонаҳои - Радио «Озодӣ» (www.ozodi.org), «Азия-Плюс» (www.news.tj), Маркази милии қонунгузории назди Ҳукумати ҶТ (www.mmk.tj), Вазорати адлияи ҶТ (www.minjust.tj) ва дар сомонаҳои баъзе аз Судҳо маълумот гирифтаанд. Ҳамчунин пурсидашудагон қайд намуданд, ки бо тариқи интернет ба ягон мақомоти маъмурӣ муроҷиат накардаанд.

### ***1.4. Натиҷаҳои мусоҳиба бо шаҳрвандон***

Ҳамагӣ 50 нафар шаҳрванд пурсида шуданд: 4 соҳибкори инфиродӣ, 2- муаллим, 8 – духтур, 5-донишҷу, 4- нафарқахӯр, 8 – шаҳрванди бекор, 8-хонашин, 1 - дорусоз, 1- мушовир оид ба масоили муҳоҷирони меҳнатӣ – 1, муҳофиз – 3, 2 - дузанда , 1-сантехник ва 2 фаррош.

Собиқаи кории 17 нафар то се сол ва аз 33 нафар аз 3 то 10 сол мебошад. 13 нафар аз пурсидашудагон қайд намуданд, ки ба мақомоти маъмурӣ барои гирифтани иттилоот муроҷиат намуда буданд ва 37 нафар муроҷиат накардаанд. Ҷавобҳоро 12 нафар гирифтаанд. Дар 10 ҳолат ҷавобҳо бо тариқи хаттӣ ва дар 2 ҳолат бо тариқи шифоҳӣ пешниҳод гардидааст Ҳамчунин дар 9 ҳолат ҷавобҳо бо тариқи ҳуқуқӣ асоснок карда шудааст ва дар 4 ҳолат не. Дар 5 ҳолат ҳуқуқи бо маводҳои парванда шинос шудан риоя гардидааст ва дар 8 ҳолат ин ҳуқуқ поймол гардидааст.

Рад намудан дар пешниҳоди иттилоот ҷавобҳояшонро аосонок кардаанд, ки: иттилооти талабкардашуда сирри давлатӣ ва ё хизматӣ мебошад (6 ҳолат), барои муроҷиат ба дигар мақомот равона карда шудааст (2 ҷавоб) ягон хел асоснок карда нашудааст (5 ҳолат). Тартиби шикоят овардан бо нишон додани муҳлат дар 5 ҳолат фаҳмонида дода шудааст ва дар 8 ҳолати дигар не. Рад намудан дар пешниҳоди иттилоот бо меъёрҳои

зерин асос ёфтааст: Қонуни ҶТ “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон” (12 ҳолат), Кодекси Оилаи ҶТ (1 ҳолат) ва КМГ ҶТ (1 ҳолат). Дар навбати худ шаҳрвандон ҳангоми муроҷиат намудан ба меъёрҳои зерин такя кардаанд: Қонуни ҶТ “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон” (8 ҳолат), Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот (2 ҳолат).

Даҳ нафар аз пурсидашудагон қайд намуданд, ки ҳангоми муроҷиат намудан ба мақомоти маъмурӣ ба душворӣ рӯбарӯ шудаанд ва танҳо се нафар бо чунин мушкилӣ во нахурдааст, хусусан:

- маҳдуд намудани иштирок дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ – 3 ҳолат;
- маҳдуд намудани ҳуқуқ барои сабт намудан, нусха бардоштан аз ҳуҷҷатҳо ва ғ. – 6 ҳолат;
- рад кардан дар пешниҳод намудани иттилоот – 1 ҳолат.

*Пас аз пурсиши ин суол, як нафар шаҳрванд аз ҷавоб додан ба саволҳо худдорӣ кард.* Мақомоти маъмурии зерин дар пешниҳоди иттилоот ҷавоби рад доданд  ва ё маҳдуд намуданд:

- мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ (6 ҳолат)
- мақомоти бойгонӣ ва шаҳрсозӣ (2 ҳолат)
- муассисаҳои тиббӣ (2 ҳолат)
- мақомоти заминсозӣ (2 ҳолат)
- мақомоти худидории шаҳраку ноҳия (6 нафар)
- суд (1 ҳолат)
- мақомоти низоми иҷозавӣ (1 ҳолат)

Иттилооти талабкардашуда чунин буд: пешниҳод намудани иттилоот оид ба ягон ҳуқуқ (7 муроҷиат), дастрас намудани маълумотнома оид ба ягон далели хаттӣ (4 ҳолат) оид ба дастрас намудани маълумоти оморӣ 5 ҳолат. (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Бояд қайд намуд, ки бо рад намудан дар дастрасии санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ вохурдаанд 4 нафар, хусусан вобаста ба ҳуҷҷатҳои дохилӣ – 4 нафар ва 8 нафар бо чунин раднамоӣ во нахурдаанд. Асос барои рад намудан инҳо буданд: набудани вақт – 1 ҳолат,  маҳдуд будани дастрасӣ ба иттилооти талабкардашуда – 4 ҳолат, набудани имконияти техникӣ барои нусхабардорӣ  аз мавод 4 ҳолат. (*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Дар 8 ҳолат дастрасӣ ба иттилоот маҳдуд ва ё нопурра буд. Ҳамаи пурсидашудагон қайд намуданд, ки иттилоот оид ба расмиёти маъмурии ҶТ дар ВАО ва ё сомонаҳои интернетӣ во нахурдаанд. Ҳамчунин ягон шаҳрванд ба мақомоти маъмурӣ барои дастрасии иттилоот муроҷиат накардааст.

## ***1.5. Натиҷаҳои мусоҳиба бо намояндагони мақомоти маъмурӣ***

Ҳамагӣ 48 нафар аз намояндагони мақотмоти маъмурӣ пурсида шудаанд, аз ҷумла: 7 нафар роҳбар, 9 нафар сармутахассис, 18 мутахассис, 9 намояндаи шуъбаи ҳуқуқ, 4 мушовир, 1 намояндаи БДА. Собиқаи кории 16 нафар камтар аз 3 солва 32 нафар аз 3 то 10 солро ташкил медиҳад.

Ба суоли "Оё шумо оид ба масъалаҳои муроҷиат\дархост\аризаи маъмурии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба дастрасии иттилоот дар мақомоти маъмурӣ сару кор доштед ё не?" - 35 нафар ҷавоби мусбӣ додаанд ва 13 нафар посухи манфӣ. 29 нафар аз пурсидашудагон ҷавоб\хабарнома аз мақомоти маъмурӣ ба муроҷиат\дархост\аризаи маъмурии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҷавоб омода кардаанд ва танҳо 6 нафар чунин ҷавоб омода накардаанд. Ҷавоб\хабарнома дар 27 ҳолат ба тариқи хаттӣ ва 5 ҳолат ба таврӣ шифоҳӣ ва дар 1 ҳолат ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ, дар 2 ҳолат бошад ҷавоб пешниҳод карда нашудааст. *Боз 2 нафар ба саволҳои боқимондаи пурсишнома аз ҷавоб додан худдорӣ карданд.*

Асос\фаҳмондадиҳии хатии ҳуқуқӣ оиди қарори қабулшуда дар 32 ҳолат оварда шудааст дар 1 ҳолат хулоса пешниҳод карда нашудааст, зеро гунаҳкор ба гуноҳаш иқрор шудааст (тирезаи мошинро иваз намудааст). Бо шиносоӣ аз маводҳои парванда дар 29 ҳолат иҷозат дода шудааст, дар 4 ҳолат чунин ҳуқуқ пешниҳод карда нашудааст, зеро дорои асрор буданд ва ё нафари муроҷиатнамуда аз рӯйи ҳуҷҷатҳои муайянкунии шахсият субъекти чунин муроҷиат набуд.

Дар пешниҳод намудани иттилоот ба дархост\муроҷиат\аризаи маъмурии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, рад намудан бо ин омилҳо асоснок карда шудааст: иттилоот сирри давлатӣ ва ё хизматӣ аст (4 ҳолат), иттилоот дар тобеияти ин мақомоти маъмурӣ нест (5 ҳолат), ба дигар мақомоти маъмурӣ муроҷиат намоед (11 ҳолат), рад кардан

асоснок карда нашуд (1 ҳолат), нафари муроҷиатнамуда субъекти муроҷиат нест (4 ҳолат), иттилооти талабшуда мавҷуд нест (2 ҳолат), боқимонда пурсидашудагон аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Дар ҷавоби мақомоти маъмурӣ ба муроҷиат\дархост\аризаи шарҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тартиби шикоят овардан бо нишон додани муҳлат ва мақомот дар 29 ҳолат нишон дода шуда буд ва дар 4 ҳолат не). Истинод ба қонунгузории зерин буд:

- Қонуни ҶТ "Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон" – 16 ҳолат
- Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ – 11 ҳолат
- Кодекси расмиёти маъмурӣ – 9 ҳолат
- Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" – 14 ҳолат
- Кодекси замини ҶТ - 3 ҳолат
- Қарорҳои Ҳукумати ҶТ – 1 ҳолат
- Кодекси граждании ҶТ – 1 ҳолат

(*баъзе аз пурсидашудагон якчанд варианти ҷавобро интихоб намуданд).*

Се нафар пурсидашудагон қайд намуданд, ки ҳангоми баррасии муроҷиати шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ оиди дастрасӣ ба иттилооти вобаста ба расмиёти маъмурӣ рӯбарӯ шудаанд, хусусан дар муҳлат дастрас накарани ҷавоб аз дигар мақомоти маъмурӣ (1 ҳолат), ба дарозо кашидани муҳлати баррасӣ (1 ҳолат), надонистани механизми фиристонидан ба дигар мақомот (91 ҳолат) дар дигар ҳолатҳо (30 ҳолат) пурсидашудагон ба душвори рӯ ба рӯ нашудаанд.

11 пурсидашуда қайд намуданд, ки иттиллот оид ба расмиёти маъмурӣ дар сомонаҳои Маркази миллии қонунгузорӣ назди Президенти ҶТ (www.mmk.tj), сомонаи Президенти ҶТ (www.president.tj), ва АИ "Азия-Плюс" (www.news.tj), ҳамчунин дар сомонаҳои дигар мақомотҳои давлатӣ ва рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Бадахшон» ва дигар ВАО вохурдаанд.

Қисми дигари пурсидашудагон қайд карданд, ки чунин иттилоотро дар сомонаҳои ВАО во нахурдаанд.

## ***ДАРХОСТҲО***

Дар доираи лоиҳа ҳамчунин ба мақомоти давлатӣ барои дастрас намудани иттилоот ҳангоми амалӣ намудани расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархостҳо фиристонида шуда буданд.

Назди мақомоти давлатӣ чунин суолҳо гузошта шуда буданд:

**А.** 1. Аз ҷониби судҳои Тоҷикистон барои соли 2014 то имрӯз чанд адад парвандаҳо оид ба баҳсҳои расмиёти маъмурӣ, баррасӣ гардидааст?
2. Аз болои санадҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ кадом мақомот дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят оварда шудааст?
3. Аз натиҷаи баррасии шикоятҳо аз болои санадҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ иттилоот пешниҳод намоед.
4. Хоҳишмандем ҷиҳати дастрас намудани таъинот, ҳалнома ва қарор, ки дар натиҷаи баррасии расмиёти маъмурӣ аз ҷониби судҳои Тоҷикистон қабул гардидааст, мусоидат намоед.

**В.** 1. Чанд адад муроҷиати шаҳрвандон бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ гардидааст?
2. Аз натиҷаи баррасии шикоятҳо иттилоот пешниҳод намоед.
3. Хоҳишмандем ҷиҳати дастрас намудани намунаҳои санадҳои расмиёти маъмурӣ, мусоидат намоед.

Бояд қайд намуд, ки тибқи меъёри Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттиоот” ҷавоб ба дархост оид ба дастрасии иттилоот дар мӯҳлати кӯтоҳтарин, вале на дертар *аз сӣ рӯзи тақвимии* баъди гирифтани дархост фиристода мешавад.

Агар дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод кардани иттилооти дархостшуда имконнопазир бошад, ба дархосткунанда дар давоми *ҳафт рӯзи корӣ, баъди гирифтани дархост* дар бораи ба дигар вақт монондани мӯҳлати ҷавоб *огоҳинома фиристода* мешавад. Дар огоҳинома бояд сабабҳои ба дигар вақт мононадан ва мӯҳлати пешниҳод кардани иттилооти дархостшуда зикр карда шавад, ки он аз понздаҳ рӯзи тақвимии мӯҳлати ҷавоби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур дарозтар буда наметавонад.

Агар мақомот ё ташкилоти дархостномагирифта иттилооти дархостшударо надошта бошанд, бояд *дар давоми ҳафт рӯз аз ин хусус* ба дархосткунанда хабар диҳанд ва ҳамчунин аз рӯи имконият ба ӯ маълумоти мақомот, ташкилот ё шахсеро, ки дорои иттилооти дархостшуда мебошанд, пешниҳод намоянд ё худ маълумоти мақомот ё ташкилотеро, ки дархости мазкур ба онҳо фиристода шудааст, зикр кунанд.

Дар моддаи 16 қонуни номбурда қайд карда шудааст, ки , дар бораи *саркашӣ аз пешниҳоди иттилоот,* беасос ба таъхир андохтан ё *дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани иттилоот*, ҳамчунин дигар тарзҳои риоя нашудани тартиби баррасӣ ва қонеъ гардонидани дархосте, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, *ба роҳбарони мақомоти болоии дахлдор ё ба суд шикоят кардан мумкин аст*.

*Аз амал (беамалии) мақомот, ташкилот, шахсони мансабдор,* ки ҳуқуқи дастрасии иттилоотро риоя намекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон *ба мақомоти дахлдор шикоят кардан мумкин* аст.

Шахсоне, ки дастрасӣ ба иттилоотро барояшон ғайриқонунӣ манъ кардаанд ва ҳамчунин шахсоне, ки иттилооти ноҳақ, номукаммал ё худ онро дер аз мӯҳлат гирифтаанд*, барои ҷуброни зарари маънавиашон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқ доранд.*

Вале, хабарномаҳо ҳангоми пешниҳод нашудани иттилоот аз ҷониби баъзе мақомотҳои давлатӣ пешниҳод карда нашудаанд *(дар ҷадвали поён метавонед шинос шавед).* Ҳамин тариқ амал (беамалии) шахсони мансабдор дар мақомоти болоӣ шикоят оварда шудааст ва дастрасии иттилооти талабкардашуда, гузаронидани санҷиш ва натиҷаи он нисбати шахсони ваколатдр талаб карда шудааст.

| № | № ҳуҷҷат | Санаи фиристодани ҳуҷҷат | Намуди ҳуҷҷат | Ба Кучо | Ҷавоб |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 65 | 10.09.2015 | Дархост | Ба Коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 2. | 66 | 10.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Суди н. И.Сомонии ш. Душанбе | Ҷавоб аз 17.09.15 таҳти №3\20 |
| 3. | 67 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Суди н. Шохмансур ш. Душанбе | Ҷавоб аз 06.10.15 таҳти №5608 |
| 4. | 68 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Суди н.Синои ш. Душанбе | Ҷавоб аз 21.09.15 таҳти №7748 |
| 5. | 69 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе | Ҷавоб аз 20.10.15 таҳти №5731\35 ва аз 20.11.2015 таҳти №6303 |
| 6. | 70 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Суди вил. Хатлон | Ҷавоб аз 22.09.15 таҳти №1214 |
| 7. | 71 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Суди вил. Суғд | Мактуби ҷавобӣ 14.10.15 таҳти №1542 |
| 8. | 72 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси ш. Хуҷанд вил Суғд | Ҷавоб аз 15.10.2015 таҳти № к-9 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9. | 73 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси вилояти Хатлон | Ҷавоб аз 06.10.2015 таҳти № 7\94 |
| 10. | 74 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси вил Суғд | Ҷавоб аз 30.09.15 таҳти №1862-2\15 |
| 11. | 75 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 12. | 76 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Коллегияи адвокатҳои вил. Хатлон | Ҷавоб аз 22.09.15 таҳти №169 |
| 13. | 77 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ислоҳ карда шуда ба: Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон |
| 14. | 78 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумиаи меъмори ва сохтмонии назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 13.10.15 таҳти 2\1971 |
| 15. | 79 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷавоб аз 16.10.2015 таҳти 5\18-2398 |
| 16. | 80 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ | Ҷавоб аз 09.10.15 таҳти №4\9-02-3265 |
| 17. | 81 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумитаи анози назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 23.10.2015 таҳти №11258\7.1 |
| 18. | 82 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 19. | 83 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумитаи давлатии сармоягузори ва идораи амволӣ давлатии ҶТ | Ҷавоб аз 23.10.2015г таҳти №4-1В\2982 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 20. | 85 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Шуъбаи сохтмон ва меъмории Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ | Ислоҳ карда шуда ба: Идораи инкишофи инфрасохтони Дастгоҳи Иҷроияи Президенти ҶТ ба Кумитаи сохтмон фиристода шуд. |
| 21. | 86 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Вазорати Адлияи ҶТ | Ҷавоб аз 29.09.2015 таҳти №4-4-1216 |
| 22. | 87 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 09.10.2015 Таҳти № 215 3-02-1698 |
| 23. | 88 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ | Ҷавоб аз 01.10.2015 таҳти №255-02\3 |
| 24. | 89 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Коллегияи адвокатҳои ҶТ | Вавоб аз 28.09.15 Таҳти №516 |
| 25. | 90 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Коллегияи адвокатҳои ҶТ «Сипар» | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 26. | 91 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Коллегияи адвокатҳои мустақили шаҳри Душанбе | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 27. | 92 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Раиси Шуъроби адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷавоб аз 21.09.2015 таҳти №1750-3\299м |
| 28. | 93 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷавоб аз 07.10.15 таҳти 5.1\2132 |
| 29. | 94 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ | Ҷавоб аз 12.10.15 таҳти №1.5\6233-6274 |
| 30. | 95 | 11.09.2015 | Дархост | Ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 09.10.2015 таҳти №1\-(2)-504 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 31. | 120 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати молияи вил Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 32. | 121 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати фарҳанг дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 33. | 122 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати андоз дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 34. | 123 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 35. | 124 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати меҳнат, муҳочират ва шуғли аҳолӣ дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 36. | 125 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 37. | 126 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесади Гумрук дар вил Хатлон В | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 38. | 127 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати кумитаи идораи замин дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 39. | 128 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 40. | 129 | 23.09.2015 | Дархост | Ба Раесати агентии, стандартизатсия, метрология, сертификтсияи ва бозрасии савдо дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 41. | 130 | 23.09.2015 | Дархост | Ба мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вил. Хатлон | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 42. | 134 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси Суди н. Шоҳмансур ш. Душанбе | Ҷавоб аз 06.10.15 таҳти №5608 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 43. | 135 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси Суди н. Сино ш. Душанбе | Ҷавоб аз 21.09.15 таҳти №7748 |
| 44. | 136 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе | Ҷавоб аз 20.10.15 таҳти №5731\35 ва аз 20.11.2015 таҳти №6303 |
| 45. | 137 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси вил. Хатлон | Ҷавоб аз 09.11.2015 такҳти № 6\264 |
| 46. | 138 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси шаҳри Хуҷан дар вил. Суғд | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 47. | 139 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси Суди вил. Суғд | Ҷавоб аз 14.10.15 таҳти №1542 |
| 48. | 141 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси ВМКБ | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 49. | 144 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмонии назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 13.10.15 таҳти 2\1971 |
| 50. | 145 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Вазорати кишоварзии ҶТ | Ҷавоб аз 16.10.2015 таҳти 5\18-2398 |
| 51. | 146 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба кумитаи давлатии заминсозии ҶТ | Ҷавоб аз 09.10.15 таҳти №4\9-02-3265 |
| 52. | 147 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 23.10.2015 таҳти №11258\7.1 |
| 53. | 148 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи ҶТ | Ҷавоб аз 23.10.2015г таҳти №4-1В\2982 |
| 54. | 150 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Вазири адлияи ҶТ | Ҷавоб аз 29.09.2015 таҳти №4-4-1216 |
| 55. | 151 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Кумитаи ҳифзи муҳити зости назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 09.10.2015 таҳти №2\5.3-02-1698 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 56. | 152 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ | Ҷавоб аз 01.10.2015 таҳти №255-02\3 |
| 57. | 153 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси Шуъроı адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мактуби ҷавоби аз19.10.2015 под№1962-3\355м |
| 58. | 154 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ | Ҷавоб аз 09.10.2015 таҳти №1\-(2)-504 |
| 59. | 155 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ | Ҷавоб аз 07.10.15 таҳти №5.1\2132 |
| 60. | 157 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Вазорати молияи ҶТ | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |
| 61. | 159 | 05.10.2015 | Шикоят | Ба Раиси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ш. Душанбе | То санаи 30.12.2015 ҷавоб дода нашуд |

## МОҲИЯТИ ҶАВОБҲО :

| |
|---|
| Мактуби ҷавоби **Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**: «... бинобар сабаби дар Шурои адлияи ҶТ мавҷуд набудани чунин маълумотҳо ба таври мушаххас пешниҳод карда наметавонем. Дар ҳолати ба миён омадани зарурат Шумо метавонед..... ба судҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати дастрас намудани маълумотҳои зарурӣ ба таври расмӣ муроҷиат намоед”. |
| Мактуби ҷавобӣ аз 22.09.2015 с. **Суди вилояти Хатлон**: “... маълумот оиди шумораи баррасии парвандаҳои маъмурӣ, ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ, инчунин санадҳои қабулнамудаи судҳо ва шикоятҳои баррасишуда оиди ин категория парвандаҳо ба шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ба ғайр аз ҳолатҳои дар қонун пешбинигардида, танҳо бо Дастури роҳбарияти Шурои адлияи ҶТ пешниҳод карда мешавад. ” |
| Амал: Судҳои ноҳияҳои **И.Сомонӣ, Шохмансур** ва**Синои** ш. Душанбе дар мактуби ҷавобии худ қайд намуданд, “...ки аз соли 2014 то нимсолаи аввали соли 2015 парвандаҳо оид ба расмиёти маъмурӣ ворид нагардидаанд”.<br><br>**Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе,** “... дар давоми соли 2014 шаш адад парвандаи гражданӣ дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор ва амал (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор баррасӣ гардидааст. Инчунин ба Суди н. Фирдавсии шаҳри Душанбе аз болои санадҳои маъмурии мақомоти андоз ва шуъбаҳои БДА ВКД ҶТ шикоят оварда шудааст”.<br><br>*Эзоҳ*: “... бо сабаби каме нофаҳмо будан ба сросемагӣ роҳ дода шуда иштибоҳан аз ҷониби мо маълумот пешниҳод карда шудааст..., дар асл тибқи меъёрҳои Кодекси расмиёти маъмурӣ ҶТ дар Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе ин қабил баҳсҳо баррасӣ нагардидаанд.” |
| Макуби ҷавоби аз 12.10.2015 **Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ**:”... муроҷиати шаҳрвандон дар соли 2014 – 1942 адад ва дар нуҳ моҳи соли 2015 – 2103 ададро ташкил дода бо тартиботи расмиёти маъмурӣ баррасӣ шудаанд”. |
| Мактуби ҷавоби аз 14.10.2015 **Суди вилояти Суғд:** «... дар давраи соли 2014 ва то имрӯз аз ҷониби Суди вилояти Суғд ягон адад парванда оид ба расмиёти маъмурӣ баррасӣ нашудаанд...”. |

| |
|---|
| **Суди шаҳри Хуҷанд вил. Суғд :** «... вобаста ба парвандаҳои ....... ҳисоботи расмӣ ба Шурои адлияи ҶТ пешниҳод менамояд ва ба ягон дигар мақомот оид ба фаъолияти худ ҷиҳати ба амал баровардани **адолати судӣ барои додани ҳисобот масъул нест".** |
| Ҷавоб аз 09.10.2015 **Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ:** "... дар давоми солҳои 2014-2015 аз ҷоиби шаҳрвандон аризаю шикоятҳои маъмурӣ тибқи талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон" ва Кодекси Расмиёти маъмурии ҶТ ворид нагаштааст". |
| Мактуби ҷавобӣ аз 06.10.2015 **Роҳбари Дастгоҳи Раиси вил Хатлон**: ".. 44943 муроҷиати хаттӣ ворид гардидааст....... бо риояи талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон " зери назорати доимӣ қарор диҳад". |
| Мактуби ҷавобии **Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вил. Хатлон: "**... маълумот оид ба баррасии парвандаҳои расмиёти маъмурӣ ... инчунин санадҳои қабулнамудаи судҳо ва шикоятҳои баррасишуда... ба ғайр аз ҳолатҳои пешбинигардида танҳо бо дастури роҳбарияти Шурои адлияи ҶТ пешинҳод карда мешавад". |
| Мактуби ҷавобии **Мақомти иҷроияи ҳокимияти давлатии вил. Суғд: "**... баррасии муроҷиати шаҳрвандон мутобиқи "Қонуни ҶТ Дао бораи муроҷиати шаҳрвандон" баррасӣ мегардад..." |
| Мактуби ҷавобӣ **аз Ваколатдор оид ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон**: "... дар соли 2014 ва дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон тибқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи расмиёти маъмурӣ дар ҶТ" ягон муроҷиат баррасӣ нагардидааст". |
| Ҷавоби **Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ:** ".. дар соли 2014 то имрӯз ягон муроҷиати шаҳрвандон бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ нагардидааст ва аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурии воҳидҳои сохтори Кумита ягон шикоят нашудааст". |
| Мактуби ҷавобии Раёсати мушовараи адвокатҳои вилояти Хатлон: "....дар соли 2014 ва нимсолаи аввали соли 2015 оиди ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон вобаста ба баҳсҳои беэътибории санадҳои расмиёти маъмурӣ... ҳамагӣ 23 нафар шаҳрванд |

| |
|---|
| мурочиат намудааст.<br>... аз соли 2014 то имрӯз аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ бо тартиби расмиёти маъмурӣ ҳамагӣ 17 шикоят тартиб дода шуда, аз он 4 шикоят қонеъ кардашуда ва 13-тои дигар бетаъғийр мононда шудаанд". |
| Мактуби ҷавобии **Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ**: " ... дар соли 2014 133 мурочиат ва дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 94 мурочиат... мавриди баррасӣ қарор дода шудааст". |
| Мактуби ҷавобии **Вазорати адлияи ҶТ:** "....аз соли 2014 то имрӯз ягон шикояти шаҳрванон бо тартиби расимёти маъмурӣ баррасӣ нагардидааст". |
| Мактуби ҷавобии **Вазорати кишоварзии ҶТ**: "...дар соли 2014 ба унвонии Вазорат 6270 мактуб.... ворид гардидааст, аз ҷумла 1621 адад аз Ҳукумати ҶТ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ бошад 230 аризаи шаҳрвандон ворид гардидааст..., ки дар асоси талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон" ҷавоб ирсол карда шудааст". |
| Мактуби ҷавобии **Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ:** "... аз 02.01.2014 сол то имрӯз 497 адад мурочиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 256 адад дар соли 2014 ва 241 адад то 09.10.2015 мебошад. Мурочиати шаҳрвандон тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон" таҳти баррасӣ қарор дода шудааст". |
| Мактуби ҷавобии **Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:** аризаҳои шикоятӣ аз соли 2014 то инҷониб ҳамагӣ 556 адад мурочиати шаҳрвандон бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ гардидааст"... мурочиатҳо дар муҳлати муайяннамудаи Қонуни ҶТ "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон" сари вақт баррасӣ ва иҷро шудаанд". |
| Мактуби ҷавобӣ аз 23.10.15 аз **Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ**: "дар соли 2014 - 1347 адад мурочиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст,... дар нуҳ моҳи соли 2015 - 1044 мурочиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст... Инчунин дар Кумита гуруҳи иттилоотӣ бо рақами телефонии "151" амал мекунад, ки шаҳрвандон мутавонанд оид ба масъалаҳои алоқаманд ба андозбандӣ тариқи телефон мурочиат намоянд. Дар соли 2014 дар Гуруҳи иттилоотӣ 5149 мурочиат ва дар нуҳ моҳи соли 2015 – 6192...... ба қайд гирфта |

| |
|---|
| шудааст”. |
| Мактуби ҷавобии **Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ:** “... дар соли 2014 се адад ариза ва нимсолаи аввали соли 2015 як адад ариза ба тариқи маъмурӣ барои гирифтани иҷозатнома... қонеъ гардонида шудааст”. |
| Мактуби ҷавобӣ аз **Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вил. Суғд:** “...ариза ё шикояти расмиёти маъмурӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст”. |

## *ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО*

Натиҷаҳои бадастоварда, пеш аз ҳама, аз воқеияти модели мавҷудаи муносибатҳои шаҳрвандон ва давлат дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд, ки дар тӯли якчанд садсолаҳои рушди миллӣ ташаккул ёфтааст. Ин модел бо хусусиятҳои хоси миллӣ, анъанаҳои ташаккулёфта, расму оин ва бархурдҳои марбут ба муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд алоқаманд аст. Таърихан дар Тоҷикистон, ба мисли дигар кишварҳои собиқ шӯравӣ, хусусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, муроҷиат кардан ба давлат (дар мавриди мо – ба мақомоти маъмурӣ) доир ба масъалаҳои мухталиф чандон роиҷ нест. Ба чунин ҳолат фаҳмиш ва бархурди шӯравӣ нисбати ҳуқуқи маъмурӣ, ҳамчун ба муносибатҳои ҳуқуқии “амудӣ”, яъне муносибатҳои “мақомот ва тобеъон” таъсири сахт расонидааст.

Имрӯз Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст ва иродаи сиёсии давлат ба ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли якчанд сол ислоҳоти системаи (низоми) идораи давлатӣ ҷараён дорад, ки он ба таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ дар фаъолияти иҷроияю ихтиёрдории давлат, баланд бардоштани нуфузи хизмати давлатӣ, ба низом даровардани муносибатҳои давлат бо шаҳрванд ва бизнес (соҳибкорӣ), ташаккулдиҳии механизми ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ нигаронида шудааст. Дар робита ба ин проблемаи таъсиси консепсияи системавии расмиёти маъмурӣ аҳамияти муҳимро касб мекунад.

Яке аз ҳуҷҷатҳои консептуалии муҳим дар соҳаи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Тоҷикистон Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки он 1 июни соли 2007 қабул гардида буд.

Дар ин ҳуҷҷати стратегии ислоҳоти хизмати давлатӣ ҳамчун самти афзалиятноки соҳаи сохтори давлатӣ, дар қатори дигар вазифаҳо ҳамчунин ҳалли ду вазифаи асосӣ низ пешбинӣ гардидааст:

- таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият ва танзими фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ ба манфиати ҷомеа;

- баланд бардоштани сатҳи боварии шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ аз ҳисоби васеъ намудани дастрасӣ ба иттилоот ва раванди қабули қарорҳои марбут ба фаъолияти ҳаётии шаҳрвандон ва дар маҷмуъ ҷомеа.

Дар ҷомеаи кунунии муосир қонун ҳамчун воситаи батанзимдарории тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нақш ва мавқеи баҳснопазир дорад, зеро рушди ҷомеа танҳо тавассути қонунгузорӣ ва батанзимдарории одилонаи муносибатҳои ҷомеа имконпазир мебошад. Ҳуҷҷати консептуалии асосӣ дар соҳаи ислоҳоти ҳуқуқӣ Консепсияи рушди ояндаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он 19 феврали соли 2011 қабул гардида буд.

Дар Консепсияи мазкур ҳолати воқеии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ инъикос карда шудааст ва сабабҳои тамоюлҳои манфии рушди он муайян карда шудаанд, ки ба таври зайл баён гардидаанд: “Ислоҳот дар соҳаи қонунэҷодкунӣ, ки баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеа якхела ҷараён надорад. Агар ин ислоҳот дар соҳаи асосҳои сохти конститутсионӣ, мудофиа, амният ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, дар суд ва адолати судӣ, сохторҳои қудратӣ, ҳуқуқӣ ҷиноӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бештар назаррас бошад, дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, молия ва кредит (қарзӣ), системаи андоз, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ, дар соҳаҳои муҳимтарини рушди иқтисод, аз ҷумла дар соҳаи энергетика, саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва комплекси агросаноатӣ проблемаю мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки батанзимдарории ҳуқуқии ҳалли масъалаҳоро тақозо менамоянд. Дар айни замон чунин тамоюлҳои манфӣ, ки бояд дар раванди такмилдиҳии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда шаванд, бо сабабҳои зерин ба мушоҳида мерасанд:

- ба таври пурра ба инобат нагирифтани сатҳи танзими муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ ҳангоми қабули як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав;
- вуҷуд доштани шумораи зиёди меъёрҳои тавакалӣ;
- таҳриф гардидани меъёрҳои қонунҳо дар санадҳои алоҳидаи меъёрӣ- ҳуқуқии сатҳи нисбатан поёнтар;
- ояндабинии начандон кофии оқибатҳои қабули баъзе санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ ҳангоми омодасозии лоиҳаҳои

онҳо, ки боиси ворид кардани тағйироту иловаҳо ё бекор кардани ин санадҳо дере нагузашта пас аз қабули онҳо мегардад;

- дар баъзе ҳолатҳои додани афзалиятҳо ба манфиатҳои соҳавии (идоравии) субъектҳои қонунэҷодкунанда ҳангоми таҳия ва пешниҳоди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ;
- дар як қатор ҳолатҳо ворид намудани тағйироту иловаҳои сершумор ба санадҳои кӯҳнашуда, ки ба самаранокии зарурии батанзимдарории ҳуқуқӣ мусоидат намекунанд;
- кофӣ набудани дастрасӣ ва сатҳи дарки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби табақаҳои аҳолӣ.

Дар ин ҳуҷҷати барномавии рушди соҳаи ҳуқуқи Тоҷикистон ба ислоҳоти ҳуқуқи маъмурӣ, аз ҷумла дар соҳаи расмиёти маъмурӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда шудааст. Дар он ба таври дақиқ зарурати таҷдиди назар намудани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон” зикр гардидааст. Чунин дастури бевосита дар мавриди таҷдиди назар намудани ин ду санади меъёрии ҳуқуқии мавҷуда дар соҳаи расмиёти маъмурӣ гувоҳи возеҳи ҷонибдории давлат аз ислоҳот дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва батанзимдарории ҳуқуқии он мебошад.

## ***<u>Тавсияҳо:</u>***

1.Ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои нави қонунҳо дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ бояд таваҷҷуҳ аз принсипҳои яктарафаи мақомотии муносибатҳо ба рушди маҳз функсияҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимоявии ҳуқуқи маъмурӣ, татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шавад.

Ғайр аз ин, бо мақсади бархурди маҷмӯӣ нисбати ислоҳоти қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ, бояд масъалаи ҷорӣ намудани ниҳоди адлияи маъмурӣ, ки баҳсҳои ҳуқуқии аз муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқии байни давлат ва шаҳрванд (шахси ҳуқуқӣ)ро дар оянда ҳал менамояд, ба миён гузошта шавад.

Самти дигари бархурди маҷмӯӣ бояд ба ном “инвентаризатсия” ё “тафтиши” қонунгузории маъмурӣ ва қонунгузории бо он мушобеҳ ҷиҳати бартараф намудани

такрорёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ, коллизия (ихтилофот) ва нуқсонҳо дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ба он мушобеҳ бошад.

Тавассути чунин бархурд ҳамоҳангсозӣ ва яксонсозии қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ имконпазир хоҳад гардид. Бидуни чунин бархурди маҷмӯии қонунэҷодкунӣ истеҳсолоти судии маъмурӣ шакли комилҳуқуқи анҷомдиҳии адолати судӣ бе мавҷудияти принсипҳо ва расмиёте, ки ба талаботи "расмиёти маъмурии зарурӣ" ҷавобгӯ бошанд, буда наметавонад. Дар натиҷаи чунин бархурди маҷмӯӣ Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар соҳаи таъмини принсипи конститутсионии баробарии тарафҳо дар муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ ва санҷиши минбаъдаи судии қарорҳои мақомоти давлатӣ ҳуҷҷати асосӣ гардад.

2.Бархурди дар ҳоли ҳозир вуҷуддошта, ки тибқи он ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот метавонад тавассути расмиёти ягона ("умумӣ") ба танзим дароварда шавад, ба сатҳи кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур мутобиқат намекунад. Дар баробари расмиёти зикргардидаи "умумӣ" системаи рамиёти махсусе зарур аст, ки он шакли муносибатҳои бештар маъмулгашта ва (ё) дархостшуда дар соҳаи баррасишавандаи расмиёти маъмурӣ мебошад. Ба ҷумлаи чунин расмиёт, бояд расмиёти зерин мансуб дониста шаванд ва қонунан ба танзим дароварда шаванд:

- расмиёти дархости шифоҳӣ;
- расмиёти дархости иттилоот аз системаҳои баҳисобгирӣ;
- расмиёти истисноӣ (дастрасии фаврӣ ба иттилооте, ки барои пешгирӣ намудани хатарҳои зиёд барои субъекти дархосткунанда зарур мебошад);
- расмиёти дастрасӣ ба иттилооти дастрасиаш маҳдуд;
- расмиёти дастрасӣ ба маълумотҳои шахсӣ.

3. Бо мақсади амали муассири Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот" ва дигар қонунгузории мушобеҳ тариқи қонунгузорӣ ба танзим даровардани як қатор масъалаҳои усулан муҳим зарур буда, инҳо муайян карда шаванд:

- таркиби иттилооте, ки бояд аз ҷониби мақомоти маъмурӣ ба таври ҳатмӣ интишор карда шавад;
- асосҳо, тартиб ва маҳдудиятҳо барои ба иттилооти истифодаи хизматӣ мансуб донистани ин ё он иттилоот;

- тартиб ва усулҳои пешниҳоди иттилооти дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ё ба манфиати шаҳрвандон дахлкунанда аз ҷониби мақомоти маъмурӣ;
- муқарраркунии якхелаи/умумии ӯҳдадориҳои мақомоти маъмурӣ оид ба пешниҳодкунии иттилоот тибқи муроҷиати шаҳрвандон;
- қоидаҳо ва расмиёти дақиқи пешниҳоди иттилоот аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ тибқи муроҷиати шаҳрвандон;
- масъулияти шахсони мансабдор барои пешниҳод накардани иттилоот, дар ҳаҷми пурра пешниҳод накардани иттилоот, пешниҳоди иттилооти ғалат, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон гардидааст.

4. Тағйирдиҳии куллии вазъият дар соҳаи иттилоотонии ҳуқуқӣ ва маърифатноксозии ҳуқуқӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи дониш, хусусан дониши ҳуқуқии аҳолӣ доир ба масъалаҳои рамиёти маъмурӣ ва дастрасӣ ба онҳо тақозо мегардад. Нақши назаррас дар он бояд барои воситаҳои ахбори омма пешбинӣ карда шавад.

5. Ташаббус кардани лоиҳаҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба субъектҳои расмиёти маъмурӣ, тибқи таҷрибаи чандинсолаи чунин фаъолият дар Тоҷикистон дар соҳаи дастрасӣ ба адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мувофиқи матлаб хоҳад буд.

6. Ба барномаҳои таълимии донишҷӯёни ихтисосҳои “Ҳуқуқшиносӣ/Юриспруденсия”, “Менеҷмент” ва дигар ихтисосҳои монанд, инчунин ба барномаҳои таълимии такмили ихтисоси судяҳо, хизматчиёни давлатӣ, адвокатҳо ворид намудани фанни таълимии “Расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

7. Таҳия ва дар амалияи мақомоти маъмурӣ ҷорӣ намудани механизми татбиқи Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Ташаббус кардани таҳияи Тавзеҳот ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9. Ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани меъёре, ки имконияти муроҷиат кардан

тавассути технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсиониро пешбинӣ менамояд.

10. Суръат бахшидан ба қабули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хизматрасониҳои давлатӣ.

11. Аз ҷониби ташкилоту созмонҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ лоиҳаҳои мусоидат ба татбиқи чорабиниҳое, ки дар боло тавсия гардидаанд, ташаббус карда шаванд.

*Пурсиши мазкур **пӯшида** буда, дар доираи лоиҳаи Дастрасӣ ба иттилоот оид ба расмиёти маъмурӣ дар ҶТ гузаронида мешавад.*

*Иттилооти бадастомада ба таври умумӣ пешниҳод гардидааст.*

**Пурсишнома**

**Ҷиҳати истифодаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳангоми амалӣ намудани расмиёти маъмурӣ дар ҶТ**

Сана: «__» ___________2015с.

1.**Самти фаъолияти касбии Шумо**

a) Адвокат
b) Мушовири ҳуқуқӣ
c) Соҳибкори инфиродӣ
d) Роҳбари муассисаи савдо
e) Дигар (қайд кунед)

**2.Чанд вақт аст, ки дар ин самт кору фаъолият мекунед?**

a) то 1 сол
b) аз 1 то 3 сол
c) аз 3 то 5 сол
d) аз 4 то 10 сол
e) зиеда аз 10 сол

3**.Оё Шумо барои дастрасии иттилоот ба мақомоти маъмурӣ муроҷиат кардаед?**

a) Ҳа
b) Не (пурсиш анҷом меёбад)

4**.Оё ба муроҷиат\дархости худ аз мақомоти маъмурӣ ҷавоб\хабарнома гирифтаед?**

a) Ҳа
b) Не

**5.Ҷавоб\хабарнома ба муроҷиат\дархостатон аз мақомоти маъмурӣ дар кадом шакл пешниҳод карда шуд?**

a) ҷавоби хаттӣ
b) ҷавоби шифоҳӣ
c) ҷавоб нагирифтаам

**6.Оё дар ҷавоби мақомоти маъмурӣ ба муроҷиат\дархостатон асоси ҳуқуқии қарори қабулшуда пешбинӣ карда шудааст?**

a) Ҳа
b) Не

**7.Оё ба Шумо барои шиносои бо маводи парванда дар асоси ариза\дархостатон имконият дода шуда буд?**

a) Ҳа
b) Нет

**8.Дар ҳолати рад кардан дар пешниҳоди иттилоот чӣ гуна асоснок карда шуда буд?**

a) Иттилоот сирри давлатӣ ва ё хизматӣ ё дигар намуди сир аст
b) Дар тобеъ набудани иттилоот
c) Мавҷуд набудани иттилооти талабкардашуда
d) Ба дигар мақомоти маъмурӣ муроҷиат намудан пешниҳод шуд
e) Субъекти муроҷиат нест
f) Ягон хел асоснок нашудааст
g) Дигар далел (хоҳишмандем қайд кунед барои чӣ?)______________________________

**9.Оё дар ҷавоби мақомоти маъмурӣ ба муроҷиат\дархост\аризаи маъмурии шумо тартиби шикоят овардан бо нишон додани мақомот, муҳлат ва суроға оварда шуда буд?**

a) Ҳа
b) Не

**10. Ба кадом меъёри қонунгузорӣ истинод шуда буд?**

a) Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ
b) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ

c) Қонуни ҶТ “Дар бораи мурочиати шаҳрвандон”
d) Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”
e) Дигар (қайд кунед) ___________________________

**11.Барои дастрасӣ ба иттилоот ба кадом меъёри қонун Шумо мурочиат мекунед:**

a) Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ
b) Кодекси мурофиаи граждани
c) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ
d) Кодекси мурофиавии иқтисодӣ
e) Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”
f) Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”
g) Дигар санади меъёри ҳуқуқӣ _________________

**12.Оё ҳангоми мурочиат намудан ба мақомоти маъмурӣ ба душвориҳо рубару шудаед?**

1) Ҳа
2) Не

**13.Дар амалия ҳангоми мурочиат намудан барои дастрасии иттилоот вобаста ба расмиёти маъмурӣ дар чӣ дида мешавад?**

1) маҳдуд намудани ҳуқуқи иштирок намудан дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ
2) маҳдуд намудани ҳуқуқи сабт намудан, дастрасии нусхаҳои ҳуҷҷатҳо ва ғ.
3) рад намудан дар пешниҳод кардани иттилооти талабкардашуда
4) ҳеҷгуна
5) дигар (ҳоҳишмандем қайд кунед) ______________

**14.Дар кадом аз мақомотҳои дар поен нишондодушда бо рад намудан ва ё маҳдуд намудан ҷиҳати датстрасӣ ба иттилоот Шумо рубару шудаед?**

a) Мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ
b) Мақомоти андоз
c) Мақомоти меъморӣ ва шаҳрсозӣ

d) Муассисаҳои тандурустӣ

e) Муассисаҳои маориф

f) Мақомоти заминсозӣ

g) Мақомоти низоми иҷозавӣ

h) Мақомоти хоҷагии коммуналӣ

i) Мақомоти худидории маҳаллӣ (ҷамоатҳо)

j) Дигар мақомот (номбар кунед) ________________

**15.Иттилооти талабкардашуда вобаста ба:**

1) ҷиҳати пешниҳод намудани ягон ҳуқуқ

2) маълумотнома барои муайян намудани ягон далели ҳуқуқӣ

3) тартиботи ҳуқуқӣ

4) маълумоти оморӣ

5) оид ба амалҳои ғайриқонунии шасони мансабдор

6) дигар (номбар кунед) ________________________

**16.Оё барои дастрасӣ намудани санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ ва ё ҳуҷҷат рад карда шудааст?**

a) Не
b) Ҳа (кадом):

1. қонунҳо
2. санадҳои меъёри ҳуқуқӣ
3. ҳуҷҷаатҳои дохилӣ
4. лоиҳаҳои санадҳои меъёри ҳуқуқӣ
5. ҳуҷҷатҳои бойгонӣ
6. дигар (номбар кунед) ________________________

**17. Дар ҳолати рад кардан чӣ гуна асоснок карда шудааст:**

1. вуҷуд надоштани имконияти техникӣ
2. набудани ҳуҷҷат
3. набудани вақт
4. дастрасии маҳдуд, барои истифодаи умум набудан
5. дигар (номбар кунед) ________________________

**18.Оё дар амалия бо маълумоте, ки аз ҷониби мақомоти маъмурӣ пешниҳод карда мешавад рубару шудаед, ки дар натиҷа:**

1) маҳдуд ё нопурра а) ҲА б) НЕ
2) нодуруст а) ҲА б) НЕ

**19.Оё иттилоот вобаста ба расмиёти маъмурӣ дар ҶТ дар шабакаҳои Интернетӣ ва ё дигар сарчашмаҳо (ВАО-и электронӣ ё чопӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ) во хурдаед?**

a) Ҳа (дар куҷо?) ______________________________
b) Не

**20.Оё ба мақомоти маъмурӣ тариқи Интернет муроҷиат кардаед?**

a) Не
b) Ҳа (кай ва ба кадом мақомот, ҷавоб гирифтаед аз он мақомот?) ______________________________

***Барои диққататон ташаккур!***

*Пурсиши мазкур **пӯшида** буда дар доираи лоиҳаи “Дастрасӣ ба иттилоот оид ба расмиёти маъмурӣ дар ҶТ гузаронида мешавад.*

*Иттилооти бадастомада ба таври умумӣ пешниҳод мегардад.*

**Пурсишнома**

**Ҷиҳати истифодаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳангоми амалӣ намудани расмиёти маъмурӣ дар ҶТ**

**Сана : «__» ___________2015 с.**

**1.Сатҳи ишғоли Вазифа\мансаби давлатии Шумо?**

Роҳбар
Сармутахассис\мутахассиси пешбар
Мутахассис
Корманди шуъбаи ҳуқуқ
Дигар ________________________________________________

**2.Собиқаи корӣ?**

a) то 1 сол
b) аз 1 то 3 сол
c) аз3то 5сол
d) аз5то 10 сол
e) зиеда аз 10 сол

3.**Оё Шумо оид ба масъалаи муроҷиат\дархост\аризаи маъмурӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои гирифтани иттилоот пешниҳод карда мешаванд сару кор доштед?**

Ҳа
Не (дар ин ҳолат суҳбат ба охир мерасад)

**4. Оё Шумо ҷавоб\хабарнома аз номи мақомоти маъмурӣ ба муроҷиат\дархост\ аризаи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тартиб додаед?**

a) Ҳа
b) Не

**5.Ҷавоб\хабарномаи мақомоти маъмуриро дар кадом шакли маъмурӣ ба муроҷиат\дархост\аризаи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ пешниҳод кардаед?**

a) Ҷавбоби хаттӣ
b) ҷавоби шифоҳӣ
c) дар ягон шакл

**6.Оё дар ҷавоб\хабарномаи мақомоти маъмурии ба муроҷиат\дархост\ аризаи шаҳрвандон асос\фаҳмонидадиҳии қарори қабулшудаaро ба таври хаттӣ пешниҳод кардаед?**

a) Ҳа
b) Не (хоҳишмандем фаҳмонед барои чӣ?) _________

**7.Оё ба муроҷиаткунанда барои шиносоӣ бо маводи парвандааш вобаста ба ариза\дархост\муроҷиати маъмуриаш пешниҳод кардаед?**

a) Ҳа
b) Не(хоҳишмандем фаҳмонед барои чӣ?) __________

**8.Дар ҳолати рад кардан оид ба пешниҳоди ба муроҷиат\дархост\аризаи маъмурӣ бо кадом далелҳо асоснок намудаед?**

a) Иттилоот сирри давлатӣ ва ё хизматӣ ё дигар намуди сир аст
b) Дар тобеъ набудани иттилоот
c) Мавҷуд набудани иттилооти талабкардашуда
d) Ба дигар мақомоти маъмурӣ муроҷиат намудан пешниҳод карда шуд
e) Субъекти муроҷиат нест
f) Ягон хел асоснок нашудааст
g) Дигар далел (хоҳишмандем қайд кунед барои чӣ?)____________________

**9.Оё ба дархост\муроҷиат\аризаи маъмурии шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ тартиби шикоят оварданро нишон доадед? (бодарназардошти муҳлат, суроға ва мақомот)?**

a) Ҳа
b) Не(хоҳишмандем қайд кунед барои чӣ?_______________

**10.Ба кадом қонунҳо истинод кардаед?**

a) Қонуни ҶТ “Дар бораи мурочиати шаҳрвандон”
b) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ”
c) Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ
d) Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба итттилоот”
e) Дигар (хоҳишмандеи қайд кунед) ________________

**11. Оё Шумо ҳангоми баррасии мурочиати шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба мақомоти маъмурӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ шудаед?**

1) ҳа (Чи гуна?) ________________________________
2) Не

**12.Оё дар шабакаҳои интернетӣ Шумо иттилооти вобаста ба расмиёти маъмурии ҶТ-ро вохурдаед?**

a) Ҳа (дар кадом сомона?) _____________________
b) Не

**13.Оё Шумо иттилооти вобаста ба расмиёти маъмурии ҶТ дар дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ (ВАОи электронӣ ва чопӣ, эълонгоҳҳои мақомоти маъмурӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ) во хурдаед?**

a) Ҳа (дар кадом?) ______________________________
b) Не

***Барои диққататон ташаккур!***

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

аз 12.10 2015с., № 1-5/6233-6274 ш. Душанбе

Ба сарвари иҷроияи
ташкилоти ҷамъиятии
«Маркази мустақил оид ба
ҳифзи ҳуқуқи инсон»
Ш.С. Давлатова

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби Шуморо оиди дастрас намудани иттилоот дар бораи муроҷиати шаҳрвандон, ки 16 сентябри соли 2015 таҳти №3592-в ба вазорат ворид гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дода, маълумоти зеринро пешниҳод менамояд.

Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиатҳои шаҳрвандон дар соли 2014 1942 адад ва дар нӯҳ моҳи соли 2015 2103 ададро ташкил намуда, бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ шудаанд.

Ҳамзамон, тартиби дастрасии шикоят аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ, иттилоот аз натиҷаи баррасии шикоятҳо ва дастрас намудани намунаҳои санадҳои расмиёти маъмурӣ тибқи сархати 2 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» баъд аз бастани шартнома дар бораи ба даст овардани иттилоот ва мавриди амал қарор гирифтани он сурат мегирад.

Бинобар ин, вазорат пешниҳод менамояд, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳамкорӣ омода гардида, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраршуда ирсол карда шавад.

Вазир Н. Салимзода

СУДИ НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

*734000, ш.Душанбе, кучаи Бохтар 23 тел.2- 21-49-34, 2-23-18-11, 2-27-69-36.*

Web: http//**www.sudisomoni.tj**; *E-mail:* **sudisomoni@inbox.ru**;

«17» 09 2015 №3/70

**Ба Сардори иҷроияи ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон» муҳтарама: Давлатова Ш.С**

Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе тибқи мактуби Шумо аз санаи 10.09.2015 таҳти № 66 чунин посух медиҳад, ки аз ҷониби суди ноҳияи И.Сомонии ш.Душанбе аз соли 2014 то имруз парвандаи ҳуқуквайронкунии маъмури оид ба баҳсҳои расмиёти маъмури ворид нагардидааст.

**Раиси суди ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе** **Сангинзода Г.**

**Иҷрокунанда,**
**Котиби маҷлиси суд Раҷабализода Б.Р.**

**РОҲБАРИ ДАСТГОҲИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

735140 ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Хувайдуллоев – 1. тел: 2-22-59 факс 2-46-11

№ 7/94 аз " 6 " 10 соли 2015

Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»

Ба № 73
аз 11. 09. 2015

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мактуби №73 аз 11. 09. 2015-ро оид ба пешниҳод намудани иттилоот дар бораи шумораи муроҷиатҳои шаҳрвандон, ки бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ гардидаанд мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо мақсади такмил додани тарзи кор ҳангоми баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон, аз ҷумла тақвият додани қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарони аввал дар рӯзҳои шанбе, муайян кардани он ҳамчун самти афзалиятноки фаъолият ва ноил гардидан ба пастшавии тамоюли афзоиши муроҷиатҳои шаҳрвандон ба мақомоти болоӣ, инчунин баррасии саривақтӣ ва ҳаматарафаи муроҷиати шаҳрвандон чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо 44943 муроҷиатҳои хаттӣ ворид гардидааст, ки аз ин миқдор аз рӯи тобеият 29174 ариза фиристода шуда, 15769 аризаи шаҳрвандон мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба 7620 шаҳрванд тартиби ҳалли масъалаҳос, ки дар аризаашон дарҷ гардиданд фаҳмонида дода шуда, хоҳиши 6991 нафар муроҷиаткунандагон қаноатбахш гардонида шуда, 539 муроҷиатҳои хаттӣ, ки ҳалли онҳо ба мақомоти давлатӣ дахл надоранд рад карда шуда, 619 ариза мавриди баррасӣ қарор дорад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон кӯшиш менамояд, ки риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон»-ро зери назорати доимӣ қарор диҳад.

Муовини роҳбари дастгоҳи
раиси вилояти Хатлон — Ш. Мусозода

ШӮРОИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
СУДИ НОҲИЯИ ШОҲМАНСУРИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
ш. Душанбе, кучаи F. Валамагзода 15, тел. 227-84-89

№ 5608 «06» 10 2015 сол

Ба Сардори Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" Давлатова Ш.С.

Ба дархости Шумо аз 11.09.2015 сол таҳти № 64 чунин иттилоъ дода мешавад, ки аз тарфи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе парвандаҳои оид ба баҳсҳои расмиёти маъмурӣ дар соли 2014 ва нимсолаи аввали соли 2015 таҳти баррасӣ қарор дода нашудааст.

Муовини якуми Раиси
суди ноҳияи Шоҳмансури
шаҳри Душанбе Ҷобирзода С.Х.

## ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 80 Тел. 221-48-68, 224-64-55

№ 30/ Д7968-15 аз 07.10.2015

Ба Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон
Ҷ.Аҳмадов

Нусха: ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, б.137, тел: 900-99-44-77
Ба: Давлатова Ш.

Муроҷиати шаҳрванд Давлатова Ш., ки ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, барои баррасӣ фиристода мешавад.

Аз натиҷааш ба муаллифи муроҷиат маълумоти муфассал ирсол намоед.

Замима: 1 саҳифа.

Роҳбари Дастгоҳ Б.Худоёрзода

Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

00 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Р.Набиев, № 45, тел: (83422) 4-02-44, 4-65-20, www.sugd.tj

30.09.15 № 1862-2/15
Ба №______ аз__________

Ба сарвари иҷроияи Ташкилоти
ҷамъиятии «Маркази мустақил
оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
Давлатова Ш.С.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дархости Шумо аз 11 сентябри соли 2015, №74 оиди аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят баррасӣ гардидани мурочиати шаҳрвандон тибқи тартиби расмиёти маъмурӣ ва овардани шикоят аз болои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор дод.

Ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят баррасии мурочиати шаҳрвандон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» баррасӣ гардида, бекор кардан ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба тасвиб расидаи раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» амалӣ карда мешавад.

Муовини якуми
Раиси вилоят — Р.Раҳматзода

**ВАКОЛАТДОР**

**ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, ш.Душанбе, к. Ҷ. Икромӣ-7. ☎ тел : 2217989 / факс / 2217969. Email: info@ombudsman.tj. web: www.ombudsman.tj

Сана «01» 10 с.2015 № 255-02/3

Ба Сарвари иҷроияи Ташкилоти
ҷамъиятии «Маркази мустақил
оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
Давлатова Ш.С.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби Шуморо № 88 аз 11.09.2015 сол мавриди омӯзиш қарор дода, ба маълумотатон мерасонад, ки дар соли 2014 ва дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ягон муроҷиат баррасӣ нагардидааст.

Бо эҳтиром,
Ваколатдор оид
ба ҳуқуқи инсон — З. Ализода

# ШӮРОИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734017, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов, 20, тел. (99237)223-06-82; факс 224-32-08;
E-mail: info @ shuroiadliya.tj; web:http:// www.shuroiadliya.tj


№ 1750-3/299 аз «21» 09 соли 2015
Ба № 92 аз «11» сентябри соли 2015

Ба Ташкилоти ҷамъиятии
«Маркази мустақил оид ба ҳифзи
ҳуқуқи инсон»

Мактуби Шумо оиди дастрас намудани маълумотҳои оморӣ доир ба баррасии парвандаҳо вобаста ба баҳсҳои расмиёти маъмурӣ, мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумотҳои оморӣ ва шаклҳои ҳисоботие, ки аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, бинобар сабаби дар Шӯрои адлия мавҷуд набудани чунин маълумотҳо ба таври мушахас пешниҳод карда наметавонем.

Дар ҳолати ба миён омадани зарурият Шумо метавонед, вобаста ба дархостҳои дар мактуб нишондодашуда ба судҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати дастрас намудани маълумотҳои зарурӣ ба таври расмӣ муроҷиат намоед.

Муовини якуми Раис Расулзода Н.Ғ.

КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734034, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ, 5/1.
тел.:(+992 37) 236-40-59, факс: (+992 37) 236-13-53,
web-site: www.hifzitabiat.tj, e-mail: muhit@hifzitabiat.tj

№ 2/5. 3 - 02 - 1698 аз « 09 » 10 соли 2015

Ба N151 аз « 05 » 10 соли 2015

Ташкилоти ҷамъиятии
"Маркази мустақил оид ба
ҳифзи ҳуқуқи инсон"

Вобаста ба дархости Шумо оид ба пешниҳоди маълумот дар бораи муроҷиату шикоятҳои шаҳрвандон Кумита иттилоъ медиҳад, ки дар давоми солҳои 2014-2015 аз ҷониби шаҳрвандон аризаю шикоятҳои маъмурӣ, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ва Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид нагаштааст.

Муовини Раис [signature] Шарипова О.Т.

**КУМИТАИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*734013, ш. Душанбе, хиёбони Лоҳутӣ, 14 ☎ 3772 – 21-34-71. e-mail: office@kumitaizanon.tj web.: www.kumitaizanon.tj*

№ 1-(2)-504 аз « 9 » 10 соли 2015
Ба № 95 аз « 11 » 09 соли 2015
Ба № 154 аз « 05 » 10 соли 2015

Ташкилоти ҷамъиятии
«Маркази мустақил оид
ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактубҳои Шуморо баррасӣ намуда, чунин иттилоъ медиҳад, ки аз ҷониби Кумита дар соли 2014 то имрӯз ягон мурочиати шаҳрвандон бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ нагардидааст ва аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурии воҳидҳои сохтори Кумита ягон шикоят нашудааст.

Муовини якуми
Раиси Кумита — Олимӣ М. Л.

вороид.
№ 79.
аз 29.09.15

СУДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

ш.Кургонтеппа, кучаи Вахдат-12. тел. (83222) 2-53-32. 2-53-19.

№ 1214 аз 22-сентябри соли 2015

Ба сарвари ичроияи Ташкилоти
чамъиятии «Маркази мустақил оид ба
хифзи ҳуқуқи инсон»
мӯҳтарам Давлатов Ш.С.
Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Рудаки
137, индекс 734003

Ба дархости Шумо аз 11-сентябри соли 2015 тахти № 70 чунин иттилоъ медиҳам, ки Суди вилояти Хатлон маълумотхоро оиди шумораи баррасии парвандахои расмиёти маъмурӣ, чиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ, инчунин, санадхои кабул намудаи судхо ва шикоятхои барраси шуда, оиди ин категорияи парвандахо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ғайр аз ҳолатҳои дар қонун пешбинигардида, танҳо бо дастури роҳбарияти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход менамояд.

Аз ин рӯ, ба Шумо зарур аст, барои гирифтани маълумот оиди баррасии баҳсҳои расмиёти маъмурӣ ба Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намоед.

Судяи
Суди вилояти Хатлон Пирмуҳаммадзода С.Н.

**РАЁСАТИ МУШОВИРАИ АДВОКАТҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ш.Қӯрғонтеппа, кучаи Ваҳдат-5**
**Тел : 93-584-95-84**

**№** 169 **аз «**22**»** 09 **соли 2015.**

Ба ташкилоти ҷамъиятии “ Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон”

Коллегияи адвокатҳои вилояти Хатлон дар асоси мактуби Шумо аз 11 сентябри соли 2015 таҳти №76 ба маълумотатон мерасонад, ки аз рӯи ҳисоботҳои омарии пешниҳодкардаи адвокатҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2014 ва нимсолаи 2015 оиди ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон вобаста ба бахсҳои беэътибории санадҳои расмиёти маъмурӣ ба маслиҳатхонаҳои ҳуқуқии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳамаги 23 нафар шаҳрвандон муроҷиат намудаанд.

Аз ҷониби адвокатҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз соли 2014 то имрӯз аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ бо тартиби расмиёти маъмурӣ ҳамаги 17 шикоят тартиб дода шуда, аз онҳо 4 шикоят қонеъ карда шуда ва 13 шикояти дигар бетағйир мононда шудааст.

Коллегияи адвокатҳои вилояти Хатлон ба Шумо намунаҳои шикоят аз болои санадҳои ҳуқуқи маъмурии бо тартиби расмиёти маъмурӣ, ки аз ҷониби адвокатҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон тартиб дода шудаанд, бинобар сабаби ба сирри адвокати мансуб буданашон дастрас намуда наметавонад.

Ҷонишини Раиси Раёсат Ҳайдаров А.А

**КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Ш. Ҳусейнзода 36, тел: (992 37) 221-88-53, факс: (992 37) 223-02-00,
Сомонаи интернетӣ: www.tajsohtmon.tj, почтаи электронӣ: goskomstroy@mail.ru

№ 2/1971 аз « 13 » 10 соли 2015
Ба №__________ аз «____» ________ соли 2015

Ба Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиати шуморо аз 11 сентябри соли 2015, №78 ва аз 17 сентябри соли 2015, №105 вобаста ба мониторинги «Таъминоти дастрасӣ ба иттилоот ҷиҳати амалигардонии расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мавриди баррасӣ қарор дода ба саволҳои гузошташуда чунин иттилоъ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014, 133 муроҷиат ва дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ 94 муроҷиати шаҳрвандони синну сол ва категорияҳои гуногуни ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шуда муроҷиати шаҳрвандон мавзӯъҳои гуногунҷабҳаи ҳаётро дар бар гирифтааст, ки зимни баррасӣ ба муаллифони муроҷиат тибқи мӯҳлатҳои дар қонун муқарраркардашуда мактуби ҷавобӣ моҳиятан ба мӯҳтавои муроҷиат, ирсол карда шудааст.

Замима: 2 адад пурсишномаи пуркардашуда дар ҳаҷми 4 саҳифа.

Муовини якуми Раис Н.Саидзода

# ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: (992 37) 221-82-64, факс: 221-16-28. www.moa.tj

№ 5/18-2398 аз «16» 10 с.2015
ба № ____________ аз «____» ____________ с. 2015

Ба Ташкилоти ҷамъиятии
«Маркази мустақил оид ба
ҳуқуқи инсон»

Ба №79 аз
11.09.2015

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҳости Шумо аз 15.09.2015, таҳти №79 дар бораи лоиҳаи "Дастраси ба иттилоот оид ба иҷрои Кодекси расмиёти маъмури дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро мавриди омузиш ва барраси қарор дода, чунин иттилоъ медиҳад.

Дар соли 2014 аз ҷониби вазорат дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардида, тибқи тартиби муқарраргардида ба тасвиб расонида шуда, мавриди амал қарор доранд.

Аз ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ», «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009 №413, «Дар бораи минтақа ва хоҷагиҳои махсуси тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.10.2006, №451 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.07.2008, №306 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, №662 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи аспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2007, №501 дар бораи «Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзотгунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.2007, №542 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» ва «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи тартиби

гузаронидани аттестатсия ва тартиби ба субъектони хоҷагидорӣ додани мақоми корхонаи зотпарварӣ» мебошад.

Инчунин дар ин давра як қатор лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи бунёду барқарорсозии яхдону сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2008, №481 «Дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани ҳолат ва самаранок истифода намудани чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.05.2009, №297 «Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014», «Тартиби ташкил ва истифодаи фонди давлатии тухмӣ», «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва инчунин ҳисоботи Вазири кишоварзӣ доир ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2009, №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи мубориза и интегратсионии зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор аз зараррасону касалиҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019» дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Дар соли 2014 ба унвони Вазорати кишоварзӣ 6270 адад мактубҳо, қонунҳо, қарорҳо, аризаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо ворид гардиданд, ки аз он 1621 ададаш аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз рӯи супоришот ҳамаи санадҳо зери назорат гирифта шуда, дар мӯҳлатҳои муайянгардида ҷавоб гардонида шуд. Роҳбарияти вазорат дар даврай ҳисоботӣ 234 нафар шаҳрвандонро қабул карда, нисбати масъалаҳои рӯзмараи онҳо ҷавобҳои мушаххас манзур намуданд.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ бошад аз ҷониби вазорат барои фароҳам овардани шароити мусоид як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардида, тибқи тартиби муқаррааргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ва мувофиқа пешниҳод карда шудаанд.

Аз ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2008, №481 «Дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани ҳолат ва самаранок истифода намудани чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» ва «Дар бораи Номгӯи намудҳои хизмати бамузди байторӣ ва Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Инчунин дар ин давра лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунӣ ва истифодабарии чарогоҳҳо» ва «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар баррасии Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди зотпарварӣ ва хушзоткунии чорвои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳофизати интегратсионии зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор аз зарарасонҳо ва касалиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Ҳамзамон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли ҷори ба вазорат 187 адад карор, 984 адад мактуб,92 адад нусхаи протокол ва 15 адад фармоишҳо ворид гардидааст, ки рафти иҷрои онҳо зери назорат қарор доранд.

Инчунин дар давоми нуҳ моҳ ба вазорат 230 адад аризаи шаҳрвандон ворид гардида, 329 нафар шаҳвандон аз тарафи роҳбарияти вазорат қабул карда шуда, ба арзу шикояти шаҳрвандон дар асоси талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баррасии муроҷиати шаҳрвандон" ҷавоб ирсол карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми соли ҷори оид ба санадҳои меъюрию ҳуқуқии маъмури ба сохторҳои вазорат ягон шикоят ворид нагардидааст. Инчунин ҳамасола аз тарафи мақомотҳои ҳуқуқии ҷумҳури фаъолияти вазорат мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Вазорат бо мақсади дастрасии бештар ба иттилооти соҳавӣ дар шабакаи интернетӣ, сомонаи худро таҳти унвони «www.moa tj» таъсис дода аст, ки тавассути он шаҳрвандон метавонанд оид ба рушди соҳаи кишоварзи ва арзу шикояти худ маълумотро дастрас намоянд. Дар сомонаи мазкур оид ба сохтори вазорат, барномаҳо, қарорҳои амалкунандаи соҳаи кишоварзӣ, дастурҳои методӣ оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва маслиҳатҳои мутахассисон ҷойгир карда шудааст. Оид ба рушди гуногуни соҳаҳои кишоварзӣ, ҳар ҳафта ду маротиба пресс-релизҳо омода гардида, тариқи почтаи электронӣ ва сомонаи вазорат ба воситаҳои ахбори омма ирсол мегардад.

Муовини вазир Ҷ. Саидова

# ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj

№ 4-4-1216
аз «22» 09 соли 2015

Ташкилоти ҷамъиятии
«Маркази мустақил оид
ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»

Ба №86
Аз 11.09.2015

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиати Шуморо оиди пешниҳод намудани иттилоот дар бораи баррасии муроҷиати шаҳрвандон бо тартиби расмиёти маъмуриро мавриди баррасӣ карор дод.

Аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз соли 2014 то имрӯз ягон шикоятҳои шаҳрвандон бо тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ нагардидааст.

Муовини якуми вазир Холиқзода А.Ғ.

**ШӮРОИ АДЛИЯИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**СУДИ НОҲИЯИ СИНОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

*734043 ш. Душанбе, кӯчаи Маяковский 32 «а» тел: 235-25-50*

*«21» 09 2015 сол*

*сод. 7748*

*Ба Ташкилоти ҷамъияти «Маркази мустакил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»*

*Посух ба дархости Шумо аз 11 сентябри 2015 таҳти №68*

*Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки дар соли 2014 аз ҷониби суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе парвардаҳо оид ба баҳсҳои расмиёти маъмурӣ барраси нагардидааст.*

*Муовини раиси суди ноҳияи*
*Синои шаҳри Душанбе:* *Раҳматиллозода М.*

**КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734002 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Ниёзӣ-50 Тел:(+992-37) 221-91-97,
Факс:(+992-37) 227-80-84; e-mail:komzem@tajnet.com http:www.komzem.tj

№ 4/9-02-3265 «09» 10 2015 с.

Ташкилоти ҷамъиятии
"Маркази мустақил
оид ба ҳуқуқи инсон"

Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби Шуморо таҳти рақами 80 аз 11.09.2015 мавриди баррасӣ қарор дод.

Аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2014 то имруз 497 адад муроҷиати шаҳрвандон бақайд гирифта шудааст, ки аз он 256 адад дар соли 2014 ва 241 адад то 09.10.2015 мебошад.

Муроҷиатҳои шаҳрвандон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон" аз тарафи Кумитаи давлатӣ таҳти баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муовини раис А.Каримов

**ШӮРОИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**СУДИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Сирдарё - 46 тел: 5-14-33 735700

14 октябри соли 2015

№1542.

Ба Сардори иҷроияи ташкилоти
ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба
ҳуқуқи инсон"
Ш.С.Давлатова
ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ №137

Ба мактуби Шумо аз 11.09.2015 сол №71 оиди пешниҳоди иттилоот доир ба парвандаҳои вобаста ба баҳсҳои расмиётӣ маъмурӣ хабар медиҳем, ки дар давраи соли 2014 ва то имрӯз аз ҷониби суди вилояти Суғд ягон адад парванда оид ба баҳсҳои расмиётӣ маъмурӣ баррасӣ нашудаанд, зеро аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурии ягон мақомот ба суди вилояти Суғд шикоят оварда нашудааст.

Хотиррасон менамоем, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 90 Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аризадиҳанда барои ҳифзи ҳуқуқ ё озодиҳои поймолгардидаи ҳуқуқ дорад бидуни муроҷиат ба мақомоти маъмурӣ ба суд муроҷиат кунад.

Мувофиқи моддаи 115 Кодекси номбурда баҳсҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз Кодекси мазкур бармеоянд, тобеияти судии судҳои шаҳрию ноҳиявӣ буда, аз ҷониби онҳо баррасӣ карда мешаванд.

Бо камоли эҳтиром,
Раиси суди вилояти Суғд: Иброҳимзода А.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734026 ш.Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/2 тел. 992(372) 236-11-59, факс: 992(372) 235-18-18, E-mail: mlsprt@mail.tj

Сод. № 5.1/2132 аз 07.10.15.
Ба № 93 аз 11.09.2015

Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саволномаро нисбати мурочиату шикоятҳои шаҳрвандоне, ки унвонии вазорат аз соли 2014 то ин ҷониб ба тартиби расмиёти маъмурӣ ворид гардидаанд, баррасӣ намуда, чунин иттилоъ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки аз соли 2014 то ин ҷониб ҳамагӣ 556 адад мурочиати шаҳрвандон ба тартиби расмиёти маъмурӣ баррасӣ гардидаанд. Мазмун ва мӯҳтавои мурочиати шаҳрвандонро масъалаҳои бозҳисобии нафақа, кӯмаки иҷтимоӣ, таъмин намудан бо ҷойи кор, таъмин бо манзили истиқоматӣ, мухоҷират, касбомӯзӣ, таҳсил дар литсей – интернатҳо ва литсейи маъюбон, инчунин аризаҳои шикоятӣ дар бар мегиранд.

Дар воҳидҳои сохтории вазорат аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурии онҳо ягон шикоят дар ин давра оварда нашудааст.

Аризаҳои шикоятӣ аз соли 2014 то ин ҷониб 28 ададро ташкил медиҳанд. Аз натиҷаи таҳлили ҳолати интизоми иҷроия маълум гардид, ки дар давраи зикршуда дар вазорат ва сохторҳои он мурочиатҳо дар мухлати муайяннамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиати шаҳрвандон» саривақт баррасӣ ва иҷро шудаанд.

Муовини якуми Вазир Э. Сангинзода

**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Суроға: 734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабаев 42/2 тел: (992-37) 233-08-54, факс (992-37) 233-09-36**
**www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783**

№ 11258/7-1 аз «23» 10 соли 2015

Ба № ________ аз «___» ________ соли 20___

Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 137

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби Шуморо баррасӣ намуда, чунин иттило медиҳад.

Дар соли 2014 дар Кумитаи андоз 1347 муроҷиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 947 ариза оид ба масъалаи кортаъминкунӣ ва иштирок дар озмун, 5 ариза оид ба норозтгӣ аз санҷишҳо, 18 ариза оид ба расонидани кӯмаки моддӣ, 11 ариза фаҳмондадиҳӣ оид ба пардохти андозҳо, 4 ариза оиди барқарор намудан ба кор, 362 ариза оид ба ба дигар масъалаҳо ворид гардидааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2015 дар Кумитаи андоз 1044 муроҷиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 894 ариза оид ба масъалаи кортаъминкунӣ ва иштирок дар озмун, 15 ариза оид ба расонидани кӯмаки моддӣ, 9 ариза фаҳмондадиҳӣ оид ба пардохти андозҳо, 7 ариза оиди барқарор намудан ба кор, 119 ариза оид ба ба дигар масъалаҳо ворид гардидааст.

Инчунин, дар Кумитаи андоз Гурӯҳи иттилоотӣ бо рақами телефонии соддакардашудаи «151» амал мекунад, ки шаҳрвандон метавонанд оид ба масъалаҳои алоқаманд ба андозбандӣ телефонӣ муроҷиат намоянд.

Дар соли 2014 дар Гурӯхи иттилоотӣ 5149 муроҷиат ва дар нуҳ моҳи соли 2015 – 6192 муроҷиати телефонии шаҳрвандон оид ба масъалаҳои андозбандӣ ба қайд гирифта шудааст.

Муроҷиати шаҳрвандон дар соли 2014 ва нуҳ моҳи соли 2015 сари вақт баррасӣ гардида ба шаҳрвандон ҷавобҳои мушаххас дода шудаанд.

Роҷеъ ба масъалаҳои андозбандӣ метавонед аз сомонаи (сайти) Кумитаи андоз (http://www.andoz.tj) ва барои гирифтани посух аз бахши иттилоотӣ “Call-centre» (тел: 151)” ё почтаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) истифода намоед.

Раис Н. Давлатзода

**КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, куч. Шотемур 27 Тел: (+992-37) 221-86-59, 221-57-29, 221-89-43
Факс: (+992-37) 221-57-29; email: info@gki.tj, web: www.amcu.gki.tj

№ 4-1В/2982 аз «23» 10 соли 2015
Ба № 83 аз « 11 » 09 соли 2015

Ташкилоти ҷамъиятии
"Маркази мустақил оид
ҳифзи ҳуқуқи инсон"
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 137

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Шуморо мавриди баррасӣ қарор дода, иттилоъ медиҳад, ки дар соли 2014 се адад ариза, ҳамчунин нимсолаи аввали соли 2015 низ як адад ариза ба тариқи маъмурӣ барои гирифтани иҷозатнома барои машғул шудан ба фаъолияти нархгузорӣ баррасӣ шуда, қонеъ гардонида шудааст. Нисбат ба иҷозатномаҳои додашуда шикоят ба Кумита ворид нашудааст.

Муовини Раис Н. Анварӣ Нигина Анварӣ

**СУДИ ШАҲРИ ХУҶАНДИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

735700 шаҳри Хуҷанд, кӯчаи А.Фирдавсӣ №146, тел:(83422):83422-6-56-13

№ К-9 «15» 10 соли 2015

Ба Сарвари иҷроияи Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»

Ба дархости Шумо аз санаи 22.09.2015сол таҳти №72.

Суди шаҳри Хуҷанд ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи моддаи 7 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» судя вазифадор нест дар бораи моҳияти парвандаҳое, ки барраси шудаанд ё мавриди баррасӣ қарор доранд ба ягон мақомот ё шахси мансабдор баёнот (маълумот, ахборот) диҳад, ба ғайр аз ҳолатҳо ва тартибе, ки дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Тибқи талаботи Қонуни конститутсионии болозикршуда судяҳо дар як сол ду маротиба оид ба ҷамбасти фаъолияти нимсола ва солона ҷиҳати ба амал баровардани адолатӣ судӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, граждании, оилавӣ ва ғайра ҳисоботи расмӣ ба Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд ва ба ягон дигар мақомот оид ба фаъолияти худ ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ барои додани ҳисобот масъул нестанд.

Аз ин рӯ, бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷроиши дархости мазкур кардаатон ғайриимкон мебошад.

Иҷрокунандаи вазифаи
Раиси суди шаҳри Хуҷанд: Муродализода С.

ШӮРОИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
СУДИ НОҲИЯИ ФИРДАВСИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

ш.Душанбе кӯчаи Н.Қаробоев 46 тел. (837) 233-06-16

№ 573/135 аз « 20 » 10 2015 с.

Ба Сарвари иҷроияи Ташкилоти ҷамъиятии
"Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон"
Давлатова Ш.С

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ташабус ва эътимоди Шуморо ҷиҳати амали намудани Кодекси Расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади паҳн намудани иттолоот оид ба расмиёти маъмурӣ, ҳамчун яке аз роҳҳои дастрасӣ ба иттилоот, ки манфиати ҷамъиятиро инъикос менамояд ҷонибдори намуда ба маълумотатон мерасонад, ки дар давоми соли 2014 шаш адад парвандаҳои гражданӣ дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор барраси гардидааст.

Инчунин ба суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз болои санадҳои маъмурии мақомоти андоз ва шӯъбаҳои БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят оварда шудааст.

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе омодааст барои дастрас намудани нусхаҳои санадҳои суди мусоидат намояд.

Зимнан хотиррасон менамоем, ки ба мурочиати Шумо дар вақти муқаррарнамудаи қонун ҷавоб гардонида шуда, шикояти пешниҳоднамудаатон аз амали (беамалии) шахси мансабдор ба суди ноҳияи бармаҳал мебошад.

Қаблан барои ҳамкорӣ сипосгузорем

Раиси суди ноҳияи
Фирдавсии ш.Душанбе;- Абдуллозода М.Ҷ

ШӮРОИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
СУДИ НОҲИЯИ ФИРДАВСИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

ш.Душанбе кӯчаи Н.Қаробоев 46 тел. (837) 233-06-16

№ 302/35 аз «20» 11 2015 с.

Ба сарвари иҷроияи ташкилоти
Ҷамъиятии «Маркази мустақил оид
ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
мӯҳтарама Давлатова Ш.С

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе барои ҳамкории судманд ба Шумо ҷиҳати омӯзиши дар амалия тадбиқ намудани меъёрҳои Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, миннатдори баён намуда, изҳор менамоем, ки қаблан бо дархости Шумо аз ҷониби суди ноҳия маълумот дар бораи баррасии парвандаҳое, ки тибқи меъёрҳои Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд ирсол шуда буд.

Зимни омода намудани посух ба дархости Шумо бо сабаби каме нофаҳмо будани он ба саросемагӣ роҳ дода шуда, иштибоҳан аз ҷониби мо маълумот пешниҳод карда шудааст, ки дар суди ноҳия категорияи парвандаҳои зикргардида баррасӣ шудаанд, аммо дар асл тибқи меъёрҳои Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ин қабил баҳсҳо баррасӣ нагардидаанд.

Барои ҳамкорӣ сипосгузорем.

Раиси суди ноҳияи
Фирдавсии шаҳри Душанбе:- Абдуллозода М.Ҷ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

735140 ш.Қӯрғонтеппа, кӯчаи Хувайдуллоев №1, тел (+992-3222) 2-22-33, факс (+992-3222) 2-46-11

**№ 6/26 аз « 5 » ноябри соли 2015** **ш. Қӯрғонтеппа**

Ба Сарвари Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуки инсон»муҳтарам Ш.Давлатова
сӯроға: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 137, ҳуҷраи №520.

Ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки шикояти Шумо аз амал (беамалӣ) шахси мансабдор, аз 05.10.2015 сол тахти №137, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мавриди санҷиш карор дошта, бинобар сабаби пайдо гардидани зарурати талаб намуда гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ вобаста ба ҳаллу фасли дурусти шикоят аҳамиятдошта, муҳлати санҷиши шикояти Шумо дар асоси талаботи моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» то санаи 8 декабри соли 2015 дароз карда шудааст.

Аз натиҷаи санҷиши шикоят ба Шумо иловатан хабар дода мешавад.

Муовини Раиси
вилояти Хатлон: Раҷабов Р.С.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

735140 ш.Қурғонтеппа, кӯчаи Хувайдуллоев №1, тел (+992-3222) 2-22-33, факс (+992-3222) 2-46-11

**№ 6/264 аз « 9 » ноябри соли 2015** **ш. Қӯрғонтеппа**

Ба сарвари Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон» Ш.Давлатова
сӯроға: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 137, ҳуҷраи №520.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон шикояти Шуморо аз амал (беамалӣ)-и шахси мансабдор, аз 05.10.2015 сол таҳти №137, мавриди санҷиш қарор дод.

Санҷиш нишон дод, ки мактуби Шумо дар хусуси гирифтани иттилоот аз 11.09.2015 сол таҳти №70, санаи 21.09.2015-ум сол ба суди вилояти Хатлон ворид гардида, санаи 22.09.2015-ум сол, бо мактуби содиротии таҳти №1214, ба унвони Шумо ба воситаи алоқа (почта) ҷавоб ирсол карда шудааст.

Тибқи мактуби мазкур иттилоъ дода шудааст, ки маълумотҳо оид ба шумораи баррасии парвандаҳои расмиёти маъмурӣ, ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ, инчунин санадҳои қабул намудаи судҳо ва шикоятҳои баррасишуда, ба шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ба ғайр аз ҳолатҳои дар қонун пешбинигардида, танҳо бо дастури роҳбарияти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Шумо метавонед оид ба гирифтани маълумот дар хусуси баррасии баҳсҳои расмиёти маъмурӣ, ба Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоед.

Аз ин рӯ ваҷҳи дар шикоят овардаи Шумо дар хусуси амал (беамалӣ)-и шахси мансабдор тасдиқи худро наёфт, зеро аз тарафи суди вилояти Хатлон бо риояи талаботи моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ба унвони Шумо ҷавоби мушаххас ирсол карда шудааст.

Замима: нусхаи мактуби суди вилояти Хатлон ба унвони Шумо ва нусхаи расиди алоқа (почта).

Муовини раиси
вилояти Хатлон: [signature] Раҷабов Р.С.

Барои қайду эзоҳ:

*Андозаи 60×84. Ҳуруфи Arial.*
*Чопи оперативӣ. Супориши №05Р54Е. Адади нашр 200 нусха*